ХАЙРАНДЕШ

# ҲАМЕШАБАҲОР

**Китоби аввал**

Хуҷанд
«Ношир»
2020

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-5
Х-77

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

**Хайрандеш. Ҳамешабаҳор, китоби аввал**
– Хуҷанд, «Ношир», 208 саҳ.

© Нашриёти «Ношир», 2020

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҲОЛНОМА

Хайрандеш (Қурбонов Хайриддин Шарифович) 4 апрели соли 1961 дар деҳаи Чагами Болои ноҳияи Шамсиддини Шоҳин (собиқ ноҳияи Шӯрообод) дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст.

Мактаби миёнаро то сннфи нуҳум дар зодгоҳаш хонда, як соли охир дар мактаби миёнаи рақами 30-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳоло Кӯшониён) таҳсил намуда, онро соли 1977 хатм кардааст. Баъди хатми мактаби миёна як сол роҳбари маҳфили хониши адабии Хонаи пионерони шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) буд.

Соли 1978 ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1983 хатм намуд ва то соли 1993 дар мактаби рақами 40-и ноҳияи Кӯлоб омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик буд. Баъдан, то соли 1999 ба ҳайси нозири калони Маркази иттилоотии раёсати гумруки вилояти Хатлон кор кардааст.

Ҳамзамон аз соли 1997 то соли 2006 вазифаи директории Гимназияи ибтидоии «Хайрандеш»-ро ба уҳда дошт, ки муассиси гимназия худи шоир Хайрандеш буд.

Солҳои 2001-2006 котиби масъули шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Хатлон буд.

Аз 1-уми июли соли 2006 то 31 майи соли 2007 вазифаи муовини сармуҳаррири нашрияи «Иқтисод ва ҳаёт»-ро ба уҳда дошт.

Аз 10 июни соли 2007 то 2 феврали соли 2009 ба ҳайси роҳбари маҳфили «Оламафрӯз»-и Маркази ҷумҳуриявии корҳои тарбиявии беруназмактабии назди

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард.

Як муддат дар Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун мушовири кафедраи забонҳо адои вазифа кардааст.

Аз соли 2009 то соли 2011 корманди китобхонаи ба номи Абулқосим Лоҳутии шаҳри Душанбе буд.

Солҳои 2011-2012 сармуҳарририи нашрияи «Шарқи озод»-ро ба уҳда дошт.

Аз 2-юми апрели соли 2012 то 1-уми августи соли 2012 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи «Таҳрир ва интишорот»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Солҳои 2012-2014 сардори шуъбаи «Таҳрир ва интишорот»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон буд.

Солҳои 2014 – 2016 сармутахассиси шуъбаи Тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангии Китобхонаи миллии Тоҷикистон буда, аз соли 2016 то ин дам сармутахассиси шуъбаи Маркетинг ва менеҷменти Китобхонаи миллии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамзамон аз 4-уми январи соли 2016 то ин дам сармуҳарририи нашрияи «Пайрав»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба уҳда дорад.

Аз 15 – уми сентябри соли 1981 ҷамъияти адабиеро бо мақсади дастгирии навқаламон ва адибони ҷавон бо номи Маҳфили Хайрандеш таъсис додааст, ки он дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар амал карда, фаъолияти ин маҳфил имрӯзҳо дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон идома дорад. Маҳфили Хайрандеш дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба се қисмат ҷудо мешавад: маҳфили «Ҳамешабаҳор», маҳфили «Равшандилон» ва маҳфили «Дунёи китоб».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хайрандеш таъсисдиҳандаи Маркази тоҷикшиносӣ дар собиқ Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ҳаст, ки ин Марказ имрӯз дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон низ фаъолият дорад.

Шоир ба кишварҳои зиёд, аз ҷумла ба Россия, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой ва Туркия сафар кардааст.

Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон - аз соли 1997.

Оиладор. Соҳиби се фарзанд: ду духтар, як писар ва набераҳо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҒАЗАЛИЁТ

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй гирифторон, гирифторам, гирифтори сухан,
Пуди худро бофтам як умр бо тори сухан.

Олам аз бекор безор аст, то коре кунам,
Корҳо душвор шуд, душвортар кори сухан.

Бо сухан дору мадори бешуморе кардаанд,
Куштаи бисёр мебинам сари дори сухан.

З-осмонҳо бар замин омад фурӯ наззораам,
Қоматам хам гашт охир дар таҳи бори сухан.

Навбаҳор омад гулафшон, чеҳрахандон, дафзанон,
Ҳар касе ёри касе бошад, манам ёри сухан.

Подшоҳи олами шеър аз нажоди ориёст,
Мавлавӣ то ҳасту Фирдавсию Аттори сухан.

Бо сухан дилбастагонро, эй Худо, тавфиқ деҳ,
То қиёмат бош, Хайрандеш, ғамхори сухан.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шиштанӣ дорад сари дасторхони тоҷикӣ,
Мазза дорад хурдани як бурда нони тоҷикӣ.

Эй биё, бо Ҳақ даромезему сар боло кунем,
Аз замини тоҷикӣ то осмони тоҷикӣ.

Офарид, эй офтоб, эй хок, эй об, эй ҳаво,
«Маснавии маънавӣ» рӯҳу равони тоҷикӣ.

«Шоҳнома» гуфтан осон нест дар аҳди гадо,
Ҳаст лозим қудрату тобу тавони тоҷикӣ.

Умр бошад, оқибат рӯзе ба гӯше мерасад
Доду вою нолаву оҳу фиғони тоҷикӣ.

Кош Исмоили Сомонӣ зи нав пайдо шавад,
Тоҷикистон бишканад то ормони тоҷикӣ.

Хайрандешо, ғазал бисёр мегӯӣ чаро?
Кайф дорад шеър гуфтан бо забони тоҷикӣ.

***Соли 1986***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Зиндагонӣ гоҳ осон асту гоҳе мушкил аст,
Гоҳ чун қанду асал, гоҳе чу заҳри қотил аст.

Талху ширин ҳар чӣ меояд, ба навбат бигзарад,
Шукри қисмат мекунад, ҳар кас агар ноқобил аст.

Зиндагонӣ меравад ҳамвора чун оби равон,
Ҳар кӣ дунёбехабар бошад, фақат дар соҳил аст.

Ними мардум босаводу ними мардум бесавод,
Босаводу бесавод аз рози пинҳон ғофил аст.

Зиндагонӣ, эй азизон, мавҷи пайдарпай будаст,
Ҷовидон будан дар ин дунё хаёли ботил аст.

«Дониш андар дил чароғи равшан аст», андеша кун,
Ҳар касе дониш намеомӯзад, ӯ нокомил аст.

Зиндагонӣ ҳукми шоҳӣ дорад, эй соҳибдилон,
Гоҳ одил ҳаст, сад афсӯс, гаҳ ноодил аст.

То тавонӣ, некӣ аз худ мону некӣ пеша кун,
Панди Хайрандеш мегирад касе, к-ӯ оқил аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Бар ману кори ман андоми ҷаҳон сард гирифт,
Бар туву кори ту худро, аҷабо, мард гирифт.

Ту чӣ кардӣ, ки туро бахт муяссар гардид,
Ман чӣ кардам, ки маро сар ба қадам дард гирифт?

Некро неку ба бад бад бирасад аз гардун,
Ҳар кӣ аз чархи фалак, ҳар амале кард, гирифт.

Ту чӣ донӣ, чӣ қадар дарду ғаму доғу алам
Сабз аз сурху сафеду сияҳу зард гирифт.

Як ман олуда наям дар ватани нафсу нафас,
Домани поку намозии ту ҳам гард гирифт.

Хайридин, ҳеҷ наӣ, ҳеҷ наянд одамакон,
Ҳар касеро, ки Худованд биёвард, гирифт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй маҳиновоз, овози маҳинат дилкаш аст,
Шаҳд рез, эй ангубинлаб, ангубинат дилкаш аст.

Аз лабат як бӯса, эй шоҳи шаҳаншоҳони ҳусн,
Гар бубахшӣ бар ғуломи камтаринат, дилкаш аст.

Ҳам рухат, ҳам чашму абрӯ, ҳам нигоҳат дилрабост,
Ҳам қадат, ҳам осмонат, ҳам заминат дилкаш аст.

Хуб бад карданд дар пешат мани бекинаро,
Теғи кин бар ман кашидӣ, теғи кинат дилкаш аст.

Дилкашат гуфтам, маро дашном додӣ, эй нигор,
Ин ҳама дашному он чини ҷабинат дилкаш аст.

Ҷо шудӣ дар чашми Хайрандешу дар ҷону дилаш,
Қадду басту пову дасти нозанинат дилкаш аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Хамӯш, эй мард, кун раҳме ба ҷонат,
Ба ҷонат мезанӣ тир аз забонат.

Ҳисоби дӯстонатро макун кам,
Макун афзун шумори душманонат.

Мабодо кӯр чашмони банурат,
Мабодо ланг он пои равонат.

Чаро худ мекунӣ рози дилат фош?
Чаро худ мекунӣ бар худ хиёнат?

Пушаймон аст сахт андар танат ҷон,
Туро бас дар азоб аст ин амонат.

Балои ҷони Хайрандеш гаштӣ,
Ту, эй расвои бедину диёнат.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

То нагардӣ ҳамдилу ҳамсуҳбату ҳамсони мо,
Мебарӣ умре ҳасад бар чеҳраи хандони мо.

Қимати худро замоне бар иёри мо масанҷ,
Ваҳ, чӣ мушкил мешавад охир туро осони мо.

Кош сӯзад дар дилам умре ғами ишқат чу шамъ,
Кош монад дар лабат умре паи дандони мо.

Аз дили мо ҳар нафас орад бурун бӯи биҳишт,
Нӯш кун, эй ҳамсафар, аз чашмаи ҳайвони мо.

Дар дили торикшаб аз бечороғӣ дам мазан,
Дар назар овар чароғи дидаи рахшони мо.

Суҳбати моро ғанимат мешумар дар зиндагӣ,
Нони номардон надорад лаззати талқони мо.

Бад макун зинҳор, эй дил, гарчи Хайрандеш гуфт:
Хайрандешӣ намеварзанд дар Хатлони мо.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Гапат шунидаму омад ба диданат ҳавасам,
Туро бидидаму дарёфтам, ки худ чӣ касам.

Агар ба шаб накунам ёди ту, сияҳрӯзам,
Агар ба рӯз набинам туро, ба шаб нарасам.

Манам зи хайли маризон, фиғон, азизонам,
Маро баред, дар ин шаҳр танг шуд нафасам.

Маро баред ба шаҳре, ки дилкушо бошад,
Раҳо кунед зи бандам в-аз ин ватанқафасам.

Дареғ, аз паси ман корвон намеояд,
Ба дард то дами маҳшар фиғон кунад ҷарасам.

Баланду пасти ҷаҳон вогузор, Хайрандеш,
Баландтар зи уқобам, ки паст аз магасам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ғуломиям тамом, оваҳ, надорад,
Ба озодӣ, дареғо, раҳ надорад.

Сабуканҷомиямро ҳеҷ оғоз,
Сабукандешиямро каҳ надорад.

Манам афтода дар чоҳи ғуломӣ,
Ғуломӣ тор дорад, таҳ надорад.

Гаҳе аслу гаҳе васлу гаҳе фасл,
Гаҳе инсоф дорад, гаҳ надорад.

Ба рӯз аз ман бичӯяд соя хуршед,
Ба шаб нури рухамро маҳ надорад.

Худоё, ин фалак меҳру муҳаббат
Ба Хайрандеш мардум аҳ надорад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Чӣ бисёр аст айёру шаҳу дарвеш дар дунё,
Чӣ бисёр аст арзи синаҳои реш дар дунё.

Дуо кардам таги дарвозаи девори гӯристон:
Намонад кошкӣ як одами бадкеш дар дунё!

Туро бегона хеш асту маро хеш аст бегона,
Надорам кор бо бегонаву бо хеш дар дунё.

Маро зоданд мавҷи ханда дар базми гулистонҳо,
Туро зоданд баҳри ғуссаву ташвиш дар дунё.

Бирез, эй соқии даврон, маи гулгун ба сад солам,
Надорам орзуи зистан з-ин беш дар дунё.

Пас аз чандин ҳазорон сол мехонанду мегӯянд:
Наёмад зираке монанди Хайрандеш дар дунё.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Пои дил бар дари донои Фаранг уфтодаст,
Кори ин шишаи бечора ба санг уфтодаст.

Ҷон ба ҷонон диҳаму тан ба ғуломӣ надиҳам,
Дар миёни ману ӯ касрати ҷанг уфтодаст.

Сарви хандонлабу хуршедлиқо дар бари ман
Маҳвашу дилкашу мавзуну қашанг уфтодаст.

Гуфта будам, ки ба ӯ ёр шавам то дами марг,
Ин ҷигаррехта бас дур зи нанг уфтодаст.

Войи он кас, ки намак хӯрду намакдон бишикаст,
Ҳайфи он кас, ки пайи нашъаву банг уфтодаст.

Намаки умр, ки гандидаву заҳрогин аст,
Чун тавон дид, ки дар оина занг уфтодаст.

На рубоӣ, на дубайтӣ, на ғазал, Хайрандеш,
Баъд аз ин ҳеҷ магӯ, қофия танг уфтодаст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Пушти ин парда чӣ асрор ниҳон аст,
Пушти ин парда сад асрори ҷаҳон аст.

Пушти ин парда дусад пардаи дигар,
Пушти ҳар парда дусад пардадарон аст.

Дар ҷаҳон ҳеҷ кас осуданафас нест,
Зиндагӣ бар сари мо бори гарон аст.

Дигарон ранҷу ғаму ғусса надоранд,
Орзуҳом ба коми дигарон аст.

Зумрае дар ҳаваси лаҳзаи дидор,
Зумрае мотами моро нигарон аст.

Ман ба ин одами садпушта чӣ гӯям,
Пушт модом ки пушти падарон аст.

Хайрандештарин давлати дунё
Кӯр дар дидани соҳибназарон аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ин ҷой чӣ хушманзара, ин ҷой чӣ ҷой аст,
Ин ҷой касе омад агар, чеҳракушой аст.

Ин ҷой на ҷоест, ки хезад халали ғам,
Ҳангомаи роҳатталабон рӯҳфизой аст.

Шайхест ба хидмат, ки вуҷудаш ҳама ҳикмат,
Ҳам ҳикмату ҳам хидмати ӯ ғуссазудой аст.

Ин ҷой чӣ ҷой аст, фараҳовару ҷонбахш,
Андар таги зардолуву андар лаби сой аст.

Ҳамсуҳбатии аҳли хирад-равшании чашм,
Гелосу мавизи сияҳу пудиначой аст.

Роҳат кунад он кас, ки ба саҳрои ҳақиқат
Ободсухан, обиладил, обилапой аст.

Ин дам нафасе беғамии мост ғанимат,
То боз чӣ бинем, дигар ҳукми Худой аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар касе дар ҳар куҷо машғули шуғле дилкаш аст,
Ҳар диле шуғле агар дорад дар ин дунё, хуш аст.

Осмон оташ, замин оташ, самандар дар ғирев,
Зери по, болои сар, аз чор сӯям оташ аст.

Нест дунёро ба ман меҳру маро рағбат ба ӯ,
Дар нигоҳам ҷуз ғазал дигар ҳама лушу лаш аст.

Алҳазар, ёрон, ки ман ҳам оқибат сар мекашам,
Ғайри ман дар гирди ман ҳар кас, ки бошад, саркаш аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Паноҳам бод аз ёрони бадгӯ,
Паноҳам бод аз морони бадхӯ.

Паноҳам бод аз ин ноҷавонмард,
На парво дораду не дида, не рӯ.

Ба қасди ҷони ман омад камонкаш,
Паноҳам бод аз он чашму абрӯ.

Раҳо худ гашту моро дар бало монд,
Паноҳам бод аз хасми балоҷӯ.

Куҷо номуси мардони баномус,
Ки меноланд аз занҳои хушрӯ?

Занонро дидаам, афсӯс, афсӯс,
Ки саргарманд дар бад кардани шӯ.

Намегирам дигар дам, Хайрандеш,
Ба як дам то ба охир мекашам зу.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй чуғз, чаро ҷой ба вайрона накардӣ?
Эй шер, чаро наъраи шерона накардӣ?

Эй субҳ, чаро дамназадӣ дар нафаси шом,
Эй пой, чаро пора ту завлона накардӣ?

Эй меҳр, чаро дар дили ёрон нанишастӣ?
Эй шеър, чаро зулфи сухан шона накардӣ?

Эй лаб, ту чаро тар нашудӣ дар шакари шеър?
Эй шаб, ту чаро гӯш ба афсона накардӣ?

Овораи дунё, дили ман, ҳаққи ту ин аст,
Он ёр насибат буду шукрона накардӣ.

Эй маст, ба ҳушёрии ту шубҳа надорам,
Боре ҳаваси гӯшаи майхона накардӣ.

Хайро, ту биё, хайр куну хайр куну хайр,
Вайрона шуд олам, ки ту хайрона накардӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Талхам агар гулобу гулам хор мешавад,
Аз дасти он шакарлаби Фархор мешавад.

Дар хона рост ҳеҷ намеояд, эй ҳабиб,
Ҳар маслиҳат, ки дар сари бозор мешавад.

Девонае, ки дар сари бозор маст буд,
Ӯро мазан ба санг, ки ҳушёр мешавад.

Ёри маро ба сояи гул хоб бурдааст,
Эй боғбон, маханд, ки бедор мешавад.

Эй он ки қаср сохтаӣ аз сари ғурур,
Ин кулбаро масӯз, ки даркор мешавад.

Хайро, ту бад макун, ки дар ин панҷрӯза умр
Онро, ки хайр кард, Худо ёр мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Эй маст, бирав, соғару паймона надорам,
Меҳмони азизӣ ту, вале хона надорам.

Девонаву ҳушёр зиёд аст ба олам,
Ман кор ба ҳушёру ба девона надорам.

Овози калу кӯр баланд аст дар ин шаҳр,
Дар хирмани ин тоифа як дона надорам.

Кал додари кӯр асту гадо баччаи шайтон,
Эй мӯи сарам, тулт машав, шона надорам.

Симурғи саҳардузди фалак дар паси Қоф аст,
Таб дораму шаб дораму афсона надорам.

Бегона надорад хабар аз Хайру мақомаш,
Эй хеш, биё, меҳр ба бегона надорам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ту меваи расидаӣ, муборак ин расиданат,
Ҳанӯз ночашидаӣ, дареғи ночашиданат!

Зи роғи дар нигаҳ макун, барову рӯ панаҳ макун,
Бурун хиром, ҷони ман, ки омадам ба диданат.

Худои ишқу ошиқӣ, ба ишқ ҳам ту лоиқӣ,
Зиёда бод офарин ба ишқ офариданат!

Чаро зи мо рамидаӣ, хато зи мо, чӣ дидаӣ?
Биё, биё, канори ман фидои орамиданат.

Дигар ту лаб чӣ мегазӣ, агар лабат газидаам,
Нагуфтаам ба одамон, мурам ба лаб газиданат.

Ба қош усма мекашӣ, макаш, бас аст, маҳвашӣ,
Биҳиштро намедиҳам ба як бағал кашиданат.

Ҷаноби Хайридин, бигӯ: зи пушти духти орзу
Ту медавию медавӣ, чӣ суд аз давиданат?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Марг гуфтему сиёҳӣ гуфт мардум хобро,
Хезу рӯ шӯ, рӯшноӣ гуфт мардум обро.

Рӯш мисли рӯи Мавлоно банур аст ин қадар,
Аз тиреза дидам имшаб чеҳраи маҳтобро.

Меравӣ, мо аз куҷо ёбем мислат баъд аз ин,
Ҳамдилу ҳамқисмату ҳамсуҳбати ноёбро?

Ҳар касе як чиз гум кардаст, аммо сад дареғ,
Баччаҳои шаҳри мо гум кардаанд одобро.

Ҳеҷ медонӣ, ки Хайрандеш дорад орзу,
Иттиҳоди шоирони хиттаи Кӯлобро?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй ҳама ҷот қандалот, оби ту дар шакар тар аст,
Хоки ҳама яке, вале аз ту зи ҷои дигар аст.

Сӯхт зи тафси оташат мағз ба мағзи устухон,
Бод, ки мевазад зи ту, роҳату рӯҳпарвар аст.

Бӯи ту дошт миҷмараш, рӯи ту дошт минбараш,
Боду ҳавои кулбаам аз ғазалат муаттар аст.

Ояду суҳбат оварад, меҳру муҳаббат оварад,
Пайки саодат оварад, ин чӣ тилисми пайкар аст?

Ҷони ману ҷаҳони ман, дар пайи қасди ҷони ман,
Ҳар нигаҳи ту ништар аст, ҳар мижаи ту ханҷар аст.

Бӯи чу себ дориё, ҳусни базеб дориё,
Макру фиреб дориё, ошиқи ту қаландар аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Мисли ту гулнасабе, гулбадане пайдо нест,
Мисли ман шоири ширинсухане пайдо нест.

Мисли ту ҳеҷ ғизоле начамидаст ба дашт,
Ғазалӣ ҳаст, вале мисли мане пайдо нест.

Мисли ту гул ба гулистон ба диёре нашукуфт,
Дар ҷаҳон бахри чунин гул чамане пайдо нест.

Табъи ман ҳаст ба ҳар анҷуман имрӯз баланд,
Шамъи рӯи ту ба ҳеҷ анҷумане пайдо нест.

Дар ба дар, шаҳр ба шаҳр омаду рафте, ки маросит,
Мислат, эй офати ҷон, дар ватане пайдо нест.

Шоир ангушт ба лаб дораду пешона ба каф,
Сухан афзуну ба қадрат сухане пайдо нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

То бигирям, нолаву афғону фарёдам бидеҳ,
То бихандам, чеҳраи чун лола хандонам бидеҳ.

То бинолам, сӯз бахшу то биболам, рӯз бахш,
То бинолам, то биболам, дарду дармонам бидеҳ.

Ман Сикандар нестам, то ҷӯямаш мулки ба мулк,
Бандаат ҳастам, Худоё, оби ҳайвонам бидеҳ.

То набинам рӯят, аз дунё пурармон меравам,
Ваъдаи дидор бар ду чашми пазмонам бидеҳ.

Дар мани шӯридасар магзор саргардон шавад,
Юсуфи гумгаштае дорам, ту Канъонам бидеҳ.

Ҳар касе аз даргаҳат ҳар чӣ талаб дорад, маро
Файзу эҳсонам бубахшу нури имонам бидеҳ.

Ризқи Хайрандешро сар то сари дунё мапош,
Луқмаи ноне ба хоки поки Хатлонам бидеҳ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ин ҷаҳон хӯрду хобҳо дорад,
Ин ҷаҳон инқилобҳо дорад.

Ҳеҷ донӣ, ки ин ҳама роҳат
Аз пайи худ азобҳо дорад?

Ҳар касеро ба чашм мебинӣ,
Нонавишта китобҳо дорад.

Шиква аз ӯ макун, ҷаҳон аз пас
Инчунин бас ҷанобҳо дорад.

То сари об роҳ бас дур аст,
Зиндагонӣ саробҳо дорад.

Ҳаст то бастае, кушоиш ҳаст,
Қасри иқбол бобҳо дорад.

Осмонвор бош, Хайрандеш,
Осмон офтобҳо дорад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Зиндагонӣ чист, шоир? Чуну чанде!
Лолаханде дар сари кӯҳи баланде!

Оббозӣ байни баҳри беканоре,
Шаҳсаворӣ дар сари зини саманде.

Ин суханро чун гуҳар суфт устоде,
Ин гуҳарро хуш пазируфт арҷманде.

Ку саворе, ку савобе, ку мазоре?
Беғуборе, бегуноҳе, бегазанде?

Кӯҳ будӣ, раммаҳоят мечариданд,
Коҳ гаштию бихӯрдат гӯсфанде.

Пои мо ҷуз қуллапаймоӣ надонад,
Нописанд уфтод з-ин раҳ нописанде.

Ку тамошогар, ки Хайрандеш дорад
Дар сари кӯҳи баланде лолаханде.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ба ман уфтод яке кори рақиб,
Чор шуд дидаи ночори рақиб.

Ҳар матое, ки маро буд ночиз,
Шуд гарон бар сари бозори рақиб.

Гӯиё майли шукуфтан дорад,
Ғунча зад рӯи раҳам мори рақиб.

Сари ман гашт ба ёдаш побанд,
Дили ман сӯхт ба рафтори рақиб.

Ба умеде,ки бисозад умре,
Нафасе чанд шудам ёри рақиб.

Оқибат боз ба поям бихалид,
Неши заҳролуди хори рақиб.

Биншин, эй дӯст, бари Хайрандеш,
Ки малул аст зи дидори рақиб.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Қадам паст карданд қоматчаҳо,
Нишонданд пастам шаҳоматчаҳо.

Агар аз сиёсат маро тарс нест,
Битарсам вале аз сиёсатчаҳо.

На аз бумбу лозер бисӯзад ҷаҳон,
Ҳазар аз алавбозии баччаҳо!

Басавлат, гузоред, савлат кунанд,
Ки куштанд моро басавлатчаҳо.

Ҳақиқат ба мандат куҷо мерасад?
Расидан натонад ба мандатчаҳо.

Бигӯ, аз китоби калонат чӣ суд?
Ҷаҳонро гирифтанд бо хатчаҳо.

Намирӣ зи офат, вале мекушанд
Туро, Хайрандеш, офатчаҳо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Аҷаб роҳе, ки гарду чанг дорад,
Дил аз паймудани он нанг дорад.

Ба ӯ гуфтам, ки рози дил кушоям,
Аҷаб марде, ки дар дил санг дорад.

Гаҳе дар осмони сулҳ бинам,
Кабутар бо кабутар ҷанг дорад.

Даҳонашро бубандед, эй азизон,
Ки не одобу не фарҳанг дорад.

Шабе дар маҳфиле дидам, ки гунге
Диле монанди рӯди Ганг дорад.

Ба ман гуфтӣ, ки аҳдам оҳанин аст,
Чӣ лозим оҳане, к-он занг дорад?

Макан шеър аз дарахти Хайрандеш,
Ки ду-се ғӯраи беранг дорад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Дилрабоёнанд ҷамъу дилбарону дилкашон,
Мутрибони зуҳратабъу сарвари зуҳравашон.

Оташе дорам ба дил, чашмони ман хокистар аст,
Сахт метарсам зи хокистардилу чашмоташон.

Мо ки маҳрумем аз файзу нишоташ, қисмато,
Хомаи моро аз оби зиндагӣ гаҳ-гаҳ чашон.

Сад дареғу дарди он қавме, ки  як қавми дигар
Қатра меовардашон, дарё вале мебурдашон.

Халқро аз мазҳабу миллат чӣ мепурсӣ, мапурс,
Зинда бодо иттиҳоди меҳнату меҳнаткашон!

Ҳар саре бояд, ки андешад таги чархи фалак,
Баъди мо дар зиндагӣ аз мо чӣ мемонад нишон?

Дӣ ҳавои назми Ҳофиз кард Хайрандеш ҳам,
Коҳкаш акнун пазад дар сар ҳавои Каҳкашон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Таъна бар ман мезанӣ, «Ҳон, эй ҷаноб,
Дам ғанимат, сар бибардор аз китоб.

Кам бихон, бисёр хондан хуб нест,
Мағзи худ беҳуда месозӣ хароб.

Бода хӯр, аммо ғами дунё махӯр,
Дил бинеҳ бар айшу бар ҷоми шароб.

Баҳра бардор аз ҷамоли маҳвашон,
Кам бидеҳ, эй дӯст, ҷонатро азоб!»

Гӯш кардам, ҳар чӣ гуфтӣ, эй ахӣ,
Гӯш деҳ бар ман, ки мегӯям ҷавоб:

«Ман намехонам ҳиҷои нобаҷо,
Дил намебандам ба кори носавоб.

Ҳеҷ гаҳ н-оянд бо ҳам созгор
Офтобу абру Хайрандешу хоб!»

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар чӣ пайдо шуд ба дунё, оқибат гум мешавад,
Баъди Хайрандеш Хайрандеш маълум мешавад.

Дӯстон, пешониям шӯр асту дастам бенамак,
Дастпарвардам калон шуд, моли мардум мешавад.

Ошиқонро раҳму шафқат ҳасту меҳри дилбарӣ,
Ҳар касе беишқ бошад, бетараҳҳум мешавад.

Ишқ агар ишқи ҳақиқӣ бошаду сӯзандаҷон,
Зоғ ҳам монанди одам дар такаллум мешавад.

Бишкуфад шоир миёни дӯстдорони адаб,
Моҳ ҳам хушрӯйтар дар байни анҷум мешавад.

Маст Хайрандеш аз ҷому сабӯи Мавлавист,
Эй Ҷалолиддин, биё, Кӯлоб ҳам Рум мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Дили ранҷида дигар ҳеҷ бари ёр нарафт,
Ранҷи беҳуда кашидем, ки дар кор нарафт.

Гарчи сад бор падарвор насиҳат кардем,
Сол охир шуду ин хуншуда як бор нарафт.

Чашми ман гуфт, ки мон, ҳеҷ набошам махмур,
Тарфи он наргиси мастонаи хаммор нарафт.

Лаби ман буд ба гулзори рухаш парвона,
Гирди он чашму даҳону лабу рухсор нарафт.

Зулфи ошуфтаи ӯ мон, ки парешон бишавад,
Дасти ман ҷониби он каждуми ҷаррор нарафт.

Як-ду-се бор бурун рафтаму вопас гаштам,
Пои ман пеш дигар то раҳи Фархор нарафт.

Ҳар кӣ донист ғаму дарди дили Хайрандеш,
Даст бар сар заду биншасту паи кор нарафт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Хонда мулло мешавад гуфтем, мулло ҳам нашуд,
Ҷо ба боло мешавад гуфтем, боло ҳам нашуд.

Дил ба май доду ба зан доду ба айшу нӯш дод,
Зуд расво мешавад гуфтем, расво ҳам нашуд.

Чеҳрагулгуне, ки бо ман чеҳрааш гулгунтар аст,
Дилбари мо мешавад гуфтем, аз мо ҳам нашуд.

Ҷони мо сӯзонду моро зору танҳо монду рафт,
Боз пайдо мешавад гуфтем, пайдо ҳам нашуд.

Дил ба мисли чашма меҷӯшиду меҷӯшид шеър,
Чашма дарё мешавад гуфтем, дарё ҳам нашуд.

Дӯш душман буду душман монду мемонад мудом,
Дӯст фардо мешавад гуфтем, фардо ҳам нашуд.

Як гунаҳ дорем, Хайрандеш медонад, халос,
Оҳ, ифшо мешавад гуфтем, ифшо ҳам нашуд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар қадар пастию расвоию ҷаҳлу содагӣ
Ҳаст дар олам, Худо бисёр бар ман додагӣ.

Ою бенавбат даро, эй дилбари хуршедваш,
Маҳвашон навбат барои суҳбатам истодагӣ.

Ман ба рӯи маҳваше боре бағал накшудаам,
Ҳар тараф бинам, ба рӯям сад бағал бикшодагӣ.

Марг меояд шабона, ё ба рӯз, омода бош,
Рӯҳ мебахшад ба одам доимо омодагӣ.

Эй Худо, завқи баландаш бахшу рӯҳи безавол,
Заъф меорад ба Хайрандеш рӯҳафтодагӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ҳар кӣ бар дард давое нарасад,
Ишқ зомин, ки ба ҷое нарасад.

Шоми он кас, ки наяфрӯзад дил,
Ба дами субҳи сафое нарасад.

Ҳиммати духтари зебост баланд,
Ки ба ӯ нарху навое нарасад.

Кош ман гавҳари чашмаш бошам,
Ки ба беаҳдувафое нарасад.

Шеър беқадру на дилкаш бошад,
Агараш ҳарфу ҳиҷое нарасад!

Дилбари ман аҷаб олуфта шудаст,
Чашми бад дур, балое нарасад!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

***

«Сӯхт нафас, хонаи дил дар гирифт»,
Оташи дил шуъла заду сар гирифт.

Дида маро пурғаму хунинҷигар,
Бар каф аҷал дастаи ханҷар гирифт.

Шаҳпари шаҳбоз ба авҷат маноз,
Оташи Ҳақ боли Самандар гирифт.

Дар нигаҳи лолаи чашмони ман
Дашти ғазал оташи аҳмар гирифт.

Ҷуз хираду донишу одобу фазл,
Рӯи ҷаҳонро кӣ саросар гирифт?

Ҳеҷ гаҳе хор нашуд дар ҷаҳон,
Ҳар кас агар панди калонтар гирифт.

Каъбаи шоир ғазали ноби ӯст,
Об дилам аз дили Кавсар гирифт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳадди худ бишнос, эй болопараст,
То наёӣ боз аз боло ба паст.

Он ки зебаш погаҳи дар буд, ӯ
Аз бари болои боло менишаст.

Медиҳандаш сар замоне, ҳолиё
Мебарандаш то фалак дастобадаст.

Оҳ, мушкил шуд ба даст афтонданаш,
Ин малах аз пеши мо сад бор ҷаст.

Ҳар касе к-ӯ буд бо ман меҳрубон,
Риштаи меҳру муҳаббатро гусаст.

Эй дареғо, дар ҳамин серӯза умр
Ихтиёри хешро додам зи даст.

Гир Ҳофиз, дасти Хайрандешро,
Киштии ӯ ҳам нишасту ҳам шикаст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Маро бар ҳоли худ монед, ман бисёр мегирям,
Ки ман бар ҳоли зори чархи каҷрафтор мегирям.

Дигар аз дасти ман коре намеояд, намеояд,
Мани бечора дар як рӯз сесад бор мегирям.

Агар аз гиря як соат бимонам, ноҷавонмардам,
Даруни хонаву дар кӯчаву бозор мегирям.

Худоё, ин чӣ гап, даркору нодаркор механдам,
Худоё, ин чӣ гап, даркору нодаркор мегирям,

Мани пазмонпарешонро ба ҳоли хештан монед,
Замоне талх механдам, замоне зор мегирям.

Фақат бирёну бирёнам, фақат гирёну гирёнам,
Ба шаб ҳангоми хуфтан, рӯз вақти кор мегирям.

Ба Кӯлобаш ҳамехонанду Хайрандеш мегӯяд:
Маро монед, ман дар кӯчаи Фархор мегирям.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Чанде шудам ошнои хилват,
Ҷону дили ман фидои хилват!

Аввал ту ҷафо ба ҷони худ кун,
Он вақт бубин вафои хилват.

Аз боиси одамон бисӯзад
Хуршед дар он фазои хилват.

Яъне ки барои зиндагонист,
Хилват набувад барои хилват.

Сад силсила дарду ғам зудояд
Як лаҳзаи дилкушои хилват.

То роз ба ту ҷаҳон кушояд,
Бикшой ту дасту пои хилват.

Ин аст муроди Хайрандеш:
Ман бошаму ту ба ҷои хилват.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Сад оҳу нола, ки вақтам ба ихтиёрам нест,
Агарчи рӯзу шабон як нафас қарорам нест.

Қадам ба ишқ гузорам, даме наёсоям,
Нафас ба ишқ барорам, вале барорам нест.

Мабод боадабӣ карда лаб фурӯ бандам,
Миёни аҳли адаб гарчи эътиборам нест.

Дило, фусурдадилонро ба ҳоли худ мондам,
Дигар ба тӯдаи бешавқу завқ корам нест.

Тапид дил, ки тапидан хуш аст дар афлок,
Ба кунҷи сина тапидан дигар шиорам нест.

Агарчи чаҳчаҳа дорӣ ба шавқ, Хайрандеш,
Ҳанӯз савти ту дар гӯши боғ форам нест.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Гирён нашавед рӯзи борон
Аз файзу сахои навбаҳорон.

Пайванд замину осмон аст,
Пайванд шавед, дӯстдорон.

Бар санг занед ҷоми бода,
Онро шиканед, бодахорон.

Ҳарчанд ки манъи бода карданд,
Мастанд зи бода сад ҳазорон.

Дар сояи бед кош бошам,
Ҳар сӯй навои обшорон.

Ман об хурам аз оби чашма,
Чашм об хурад зи гулъузорон.

Оед суроғи Хайрандеш,
Дидор ғанимат аст, ёрон!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Гуфто кию̄? Гуфтам: Яке шоир, ки мегӯяд ғазал,
Гуфто: Ғазал хон, бишнавам.Гуфтам: Бигирам дар бағал!

Оғӯш сӯям боз кард, шӯре барам оғоз кард,
Андар лабони ӯ шакар, в-андар лабони ман асал.

Ӯ гул шуду ман булбулаш, ӯ май шуду ман қул-қулаш,
Ман шаҳд хӯрдам, ӯ асал, ман шеър гуфтам, ӯ масал.

Хуш кард вақтам нозанин, армон надорам баъд аз ин,
Парво надорам, гар маро олам кунад дӯғу дағал.

Хуш омадӣ бар бурданам, ман розиям бар мурданам,
Аммо намесӯзад дилат бар нозанинон, эй аҷал?

Дунё пури беор ҳаст, номард ҳам бисёр ҳаст,
Дорам, ту худ гӯ, з-ин миён, ман зеби марги бемаҳал?

Бар нокаси бадкешро, ранҷонд Хайрандешро,
К-ӯ бо димоғи сӯхта ширин намегӯяд ғазал.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Машав асло гиребонгири мардум,
Ки мемирӣ ба захми тири мардум.

Чӣ давронест, к-афтодаст, ёрон,
Ба дасти ҷоҳилон тақдири мардум?

Агар хоҳӣ шавӣ шоҳи қаламҳо,
Қалам, як умр кун тасвири мардум.

Расон аз номи ман девонаҳоро:
Халосӣ нест аз занҷири мардум.

Сияҳномо, миёни мардумон бош,
Сафедат мекунад тадбири мардум.

Қадам бе пир нагзорам, Худоё,
Дуо бояд гирифт аз пири мардум.

Калон гаштаст охир Хайрандеш
Ба дегу косаву кафгири мардум.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Номус нест, гарчи баланд аст номашон,
Гардан мадеҳ ту ҳечу макун эҳтиромашон.

Одам ба чашму хашмашон одам ҳисоб нест,
Пастанд беҳисоб, фуровар зи бомашон.

Ҳушёр бош, покдило, ғайри захр нест,
Афзун агар бирехт шакар аз каломашон.

Дар субҳашон саховати хуршедро кӣ дид?
Хуршед шав, дило, ки расидӣ ба шомашон.

Обод дор хона, ки ин зумра мешаванд
Як умр хонасӯзи нафасҳои хомашон.

Эй дил, мабанд меҳр ба аҳли ҷафову ҷавр,
Эй лаб, магир алайк дигар бар саломашон.

Осудагӣ ба мардуми бадкин ҳаром бод,
Шамшери хешро бикашам аз наёмашон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Муттафиқ бошед дар кори савоб, эй зӯрҳо,
Дар адаб машҳур бояд будан, эй машҳурҳо.

Аз ту мепурсам, чаро, эй қисмати баргаштабахт,
Рӯбарӯям мекунӣ ҳар рӯз бо манфурҳо?

Кори ман боре наафтодасту шукри зиндагӣ,
Кори душман ҳам наафтад кош бар мағрурҳо.

Шуд раҳо моҳӣ зи шаст, акнун шино дорад ба шаст,
Ӯ намедонад, ки ин раҳ мебарад то тӯрҳо.

Меравам пайваста роҳу мешавам дури қариб,
Ҷаҳди он дорам, ки то гардам қарибӣ дурҳо.

Чашми одам нурполо боду ҷонаш нурбор,
Ин қадар бенур афтодем байни нурҳо.

Ҷӯрҳо ночур мегарданд бо ҳам, водареғ,
Ҷӯр, Хайрандеш, торат бод бо ночӯрҳо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Бандаозор ба ҷавлону ба бандаш накунанд,
Ҷуку ҷондор фаровону сипандаш накунанд.

Ҳофизу Бедилу Атрору Ҳилолӣ ҳама хор,
Мавлавӣ гарчи шавад зинда, писандаш накунанд.

Гашт дар боғи ҷаҳон хор гули одамият,
Майл бар Яшту Авастову ба Зандаш накунанд.

Бутгару сеҳргару ҷодугарон ҷилвагаранд,
Нест як марди Худоҷӯй, ки фандаш накунанд.

Хайрандеш, мадеҳ панду насиҳат бигузор,
Рӯдакӣ зинда шавад, гӯш ба пандаш накунанд.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Синаи тозаву покизаву оина кафил,
Ки надорем дар ин дори фано кина ба дил.

Мо ҳамонем, ки аз авҷи само омадаем,
Мо ҳамонем, ки имрӯз шуда пойбагил.

Рашки беҳуда накардем даме бар Ҳофиз,
Низ як зарра набурдем ҳасад бар Бедил.

Зора дорам, ки шабе ҳамдаму ёрам бошӣ,
Зора гарчи набувад хосияти марди асил.

Он паризод магар аз Камароби Ғарм аст?
Ё ки аз хиттаи хушманзару зебои Тавил?

Ё магар аз Хуталон аст, ки равшанрӯй аст,
Аз куҷо ҳаст, бигӯед, ҳамон шамъи Чигил?

Ташнаи шеъру суруд аст дили Хайрандеш,
Дар дилат завқ агар ҳаст, биё бар маҳфил!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Худ нигаҳ дор, нигаҳ дорандат,
Дил маёзор, наёзорандат.

Бад мабин, бад макуну бад машунав,
Дӯст медор, ки медорандат.

Дар шумор аст ҳама соати мо,
Нек бишмор, ки бишморандат.

Лаҳза бар лаҳза баландат бурданд,
Мунтазир бош, фуруд орандат.

Аз каҷомолию аз каҷназарӣ
Даст бардор, ки бардорандат.

Гар ба дастанд, туро ҳамчу анор,
Сахт афшор, ки н-афшорандат.

Ҷон ба ҷонони Ватан, Хайрандеш,
Зуд биспор, ки наспорандат.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Тамоми шоирон доранд шӯри мавлавиёна,
Намедонам, ба ин даъво ту розӣ мешавӣ ё на?

Ба ин рафтору гуфторе, ки ман дорам ба ҳар маҷлис,
На ҳушёрам тавон гуфтан, на донишвар, на девона.

Китоби бад надорад ҳеч гаҳ дар ҳеч чашм арзиш,
Китоби нағз боқадр аст чун гавҳар ба ҳар хона.

Чаро ҷоҳил банеъмат ҳасту оқил ҳаст дар заҳмат,
Чаро бояд шавад муҳтоҷ донишманду фарзона?

Маро дар байни мардум қадрдон дардошноӣ кард,
Ғазалҳое, ки мо гуфтем, дорад қадри дурдона.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Худоё, ин қадар вақт, ин қадар давру замонҳо рафт,
Ҳазорону ҳазорону ҳазорон ормонҳо рафт.

Кӣ медонад, ки баъд аз мо чӣ гардишҳост дар гардун?
Кӣ медонад аз ин ҳомун куҷо он корвонҳо рафт?

Ба боғи ҳусн пайдо боғбоне мешавад ё не?
Гули шарму ҳаё аз боғи рухсори ҷавонҳо рафт.

Чӣ рафтанҳо ба поинҳо, чӣ рафтанҳо ба болоҳо,
Яке зери замин, дигар ба авҷи осмонҳо рафт.

Намедонанд ин мардум румузи ошноиҳо,
Аз онҳо рафт Хайрандеш, Хайрандеш аз онҳо рафт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Чӣ ғам аст дар дили ман, чӣ ғам аст, худ надонам,
Ки чаро чунин ҳақирам, ки чаро ғамошёнам?

Чӣ ғам аст дар дили ман, на кам аст дар дили ман,
Ғами дил куҷо фишонам, нашавад, куҷо кашонам?

Ки на дӯст мешиносад мани хастаро, на душман,
На бародару на ҳамсар, ба куҷо барам фиғонам?

Чӣ кунам, чӣ чора ҷӯям, чӣ илоҷ баргузинам,
Ки дар ин ҷаҳони фонӣ нарасад ба кас зиёнам?

На забони ҳам бифаҳманд, на гуноҳи ҳам бубахшанд,
Биравам ба пеши морон, ки малул аз одамонам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар ҷо, ки равам, оям фарзона ба сӯят ман,
Дар чашми ҳама тобам девона ба кӯят ман.

Эй мояи дилбозон, эй тоҷи сарафрозон,
Эй шамъи назарбозон, парвона ба рӯят ман.

Гаҳ нуру гаҳе хокӣ, гаҳ, хоку гаҳ афлокӣ,
Гаҳ ринду гаҳе покӣ, бегона ба кӯят ман.

Эй ишқи ту тақдирам, эй ақли ту тадбирам,
Эй зулфи ту занҷирам, в-эй шона ба мӯят ман.

Як рӯз ба Дарвозам, як рӯз ба Шерозам,
Як умр сарафрозам мастона ба бӯят ман.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Садоят ин қадар ширин, ҷамолат ин қадар дилкаш,
Дигар бутҳо ҳама ҳеҷанд пешат, эй бути маҳваш.

Ба васли хеш ҷон додию аз мурдан амон додӣ,
Зи ҳаҷрат лек сӯзондӣ маро чун дег дар оташ.

Ба зери чангу гарди дард мондам, маҳвашо, баргард,
Маро покиза кун, охир, ту фаррошию ман мафраш.

Маро кӯҳи ғамат кардаст помолу хазон чун каҳ,
Накарда нисфи ин куҳ тай, нафас дармекашам ҳаш-ҳаш.

Ба ғам як умр побандӣ, гаҳе як лаҳза хурсандӣ,
Бирав, Хайро, чӣ меҷӯӣ дар ин дунёи кашмокаш?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

То ба забон дӯст, ба дил душманӣ,
Ранҷи ману дарду балои манӣ.

Гӯру қиёмат, ки туро сӯхтаст,
Нестӣ, эй мард, магар мурданӣ?

Тӯр ба тӯрему фано дар фано,
Тортанак, тор чаро метанӣ?

Мавҷи ҳаёт аст шикан дар шикан,
Мо нашикастем, ки то бишканӣ.

Дорад аз ин давр талаб рӯзгор
Марди тилоию зани оҳанӣ.

Хайри Худо, марди саодатнасиб,
Дар паи фазлу раҳи илму фанӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Он мӯр чӣ мӯр аст, Сикандар шуда бошад,
Он мурғ чӣ мурғ аст, Самандар шуда бошад.

Он давр чӣ давр аст, ки ҷавр асту ҷаҳолат,
Он сарв чӣ сарв аст, ки ар-ар шуда бошад.

Он роҳ чӣ роҳ аст, барад зуд ба манзил,
Он пой чӣ пой аст, ки шалпар шуда бошад.

Он дор чӣ дор аст, ки дар гардани ёр аст,
Он ёр чӣ ёр аст, ки кофар шуда бошад.

Шогирд зи устод надорад ҳақи ранҷиш,
Ҳарчанд ба устод баробар шуда бошад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Роҳ соликро ба манзил мерасонад,
Чашмаро илҳом бар Нил мерасонад.

Аз ҷудоиҳо манол, эй най, ки рӯзе
Мавҷ соҳилро ба соҳил мерасонад.

Ғуссаи даврон туро, эй марди саркаш,
Оқибат бар сактаи дил мерасонад.

Ноумедӣ кори шайтон аст, бархез!
Саъй ноқисро ба комил мерасонад.

Пашша гар хоҳад, ки гардад борбардор,
Ҳиммати худро ба сад фил мерасонад.

Дасти ғайб, андеша бояд кард, к-аз ғайб
Теғро бар ҳалқи қотил мерасонад.

Суҳбатоpо бош доим, Хайрандеш,
Шеър шоирро ба маҳфил мерасонад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Дар биёбони васеи беканори ҷаҳлҷӯш
Мерасад аз ҳар тараф сад корвони ҷаҳлҷӯш.

Дар замини Темуру Искандару Чингизхон
Офати бисёр борад з-осмони ҷаҳлҷӯш.

Қисмати шӯрам ба Шӯробод шӯронид шӯр,
Рафт ширинии умрам дар замони ҷаҳлҷӯш.

Кай дигар бо оқилон созем дар дунёи дун
Мо, ки бишкастем садҳо ормони ҷаҳлҷӯш.

Осафо, дар ҷаҳлҷӯшиҳои даврон алҳазар
Аз қабоҳатҳои алфози даҳони ҷаҳлҷӯш.

Чанд бори ранҷу озору таҳаммул мекашад
Мағзи сар дар зарбаҳои беамони ҷаҳлҷӯш?

Ҳон, макун айбаш, чу Хайрандеш бар майхона рафт,
Нест ҷои орамидан дар ҷаҳони ҷаҳлҷӯш.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мешавад, ёрон, маро дар ҳар қадам вайрон асаб,
Ин чӣ сол асту чӣ моҳ асту чӣ рӯз асту чӣ шаб?

Гоҳ аз бегона меранҷам, гаҳ аз хешу табор,
Ҳудаву беҳуда, меоям, Худоё, дар ғазаб.

Худ намедонам, чаро гаштам ба ҳар кас бадгумон,
Ё магар ин бадгумониҳои ман дорад сабаб?

Рӯи оламро қабоҳат ин қадар печидааст?
Зиндагии поку зебо аз Худо дорам талаб.

То ба кай, бечоранолон, то ба кай, эй ҳамгилон,
Аз муғул нолему юнонию аз турку араб?!

Пилки чашмонам ба сӯзиш омад аз дунёи дуд,
Воаҷаб, эй воаҷаб, эй воаҷаб, эй воаҷаб!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Душманӣ аз ҳад гузашт, аз дӯстӣ орад хабар,
Дӯстӣ аз ҳад гузашт, он душманӣ орад самар.

Дӯст пайдо кардан осон, дӯстӣ кардан гарон,
Аз барои дӯст, лозим шуд, фидо кун ҷону сар.

Душманат бисёр бошад, рӯсиёҳат мекунад,
Ҳар замон аз пеши роҳат мебарояд сад хатар.

Дӯстат бисёр бошад, мешавад ризқат зиёд,
Ҳам сутуни хонаат, эй дӯст, мегардад зи зар.

Рӯи душманро набинӣ, нашнавӣ ҳарфи ҳасуд,
Лаззати ин зиндагонӣ, лаззати ҳалвои тар.

Медарояд ҳарфи ӯ чун ғундаву каждум ба гӯш,
Заҳр бошад суҳбаташ, аз суҳбати душман ҳазар!

Дӯстро пиндор хуш, гуфтор хуш, рафтор хуш,
Бош, Хайрандеш, аз файзи каломаш баҳравар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Сангу хору хас мазоҳам мекунад,
Ҳар касу нокас мазоҳам мекунад.

Пушти по зад, ҳар касе пояш расид,
Порасу норас мазоҳам мекунад.

Дар замин мехостам одам шавам,
Дар замин хар бас мазоҳам мекунад.

Дар ҳаво парвоз кардам чун уқоб,
Дар ҳаво каргас мазоҳам мекунад.

Шиква аз бегона кардан аблаҳист,
Хеш ҳам азбас мазоҳам мекунад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мо сар ба касе намефарорем,
Бо аҳли хирад ҳамеша ёрем,

Рӯ турш макун, ки мо на туршем,
Ту кина нагир, мо надорем.

Ту кор нагир, кори мо нест,
Бо корбигир кор дорем.

По бар сари ту кӣ монд, охир?
Дар пои ту сар намегузорем.

Машмор, ҳало, ту ҳеҷ моро,
Мо низ туро намешуморем.

З-ин маърака меравему з-ин баъд
Ин хона ба чуғз месупорем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Одамӣ дар зиндагонӣ аз паи ҳар кор мегардад,
Гар нагардад ҳам, илоҷе нест, ӯ ночор мегардад.

Ваҳшиён одам шуданду одамон ваҳшӣ, чӣ сеҳр аст ин,
Одам одам мешавад, вақте ки одамвор мегардад.

Лолу кӯру кар дар ин раҳ, дарнамеёбанд чизе ҳеч,
Аз раҳе, ки ноҳақ аст, одам саду як бор мегардад.

Ҳар кӣ қадри вақт донад, қадри ӯ донад Худовандаш,
Гар надонад қадри вақт одам, ба одам зор мегардад.

Бори худ бардору бори дигарон бигзор, Хайрандеш,
Ҳар касе, к-ӯ феъли хар пайдо кунад, ӯ хор мегардад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ҷустаму пайдо накардам, ҷӯяду ёбад маро,
Худ бияндешад, ки ин ҳикмат чунин гуфтам чаро?

Кори ман, эй шоҳи хубон, бар ту афтодаст боз,
Одамон бояд наранҷонанд корафтодаро.

Турки тоҷикам, чаро туркона санъат мекунӣ,
Дил ба ғорат бурдаӣ аз ман чаро? Ғоратгаро!

Хона равшан кардаӣ, берун тамоман тира аст,
Дар дарун пинҳон машав, берун баро, берун баро.

Нози болоро на ҳар аҳли қалам бардоштаст,
Эй бародар, ин қадар боло марав, охир, фаро!

Ин қадар дар шӯразори ҷаҳл тунд афтодаӣ,
Шоиро, ширин мапиндор ин қадар ҳар шӯраро.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Вай-вай-вай-вай, чӣ турфа ҳур аст,
Қомат чӣ қиёматест, ҷӯр аст.

Он кас, ки набохт дил, хабис аст,
В-он кас, ки надид, кӯри кӯр аст.

Афсӯс, ки ҳаст дастнорас,
Афсӯс, ки оши ишқ шӯр аст.

Ӯ ҳаст, ки дар нигоҳи ошиқ
Олам ҳама равшан аст, нур аст.

Зинҳор намерасӣ ба васлаш,
Дардо, дили ту зи ишқ дур аст.

Ғайрат бинамо ту ҳам чу ағёр,
Хайро, ҳама ғайри ту ғаюр аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ҷое равам, ки он ҷо шӯру мағал набошад,
Аз ёри чусту чобук холӣ бағал набошад.

Бар ман агар чунин ҷо боре шавад муяссар,
Лутфе кун, эй Худованд: он ҷо аҷал набошад.

Беморхонаҳоро майхона кард бояд,
Соҳибдиле дар он ҷо бояд касал набошад.

Ширин даҳан ба ҳалво гуфтан намешавад ҳеҷ,
Н-ояд зи даст кор, ар лутфи азал набошад.

Лутфи азал муяссар, Хайро, чу кардат он ҷой,
Он ҷо чӣ кор ояд, к-он ҷо ғазал набошад?!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Шӯхе, ки дилам шикор кардаст,
Монандаи офтоб зард аст.

Аз нури ҷамоли оламафрӯз
Ҳар кас, ки насӯхт, ӯ чӣ мард аст?

Гарм аст дили ҳазину зорам,
Ҳарчанд нигоҳи ёр сард аст.

Ин гавҳари сурх кард пора,
Теғи чашме, ки лоҷвард аст.

З-ин беш чӣ гӯям аз фироқаш,
К-ин дил ба фиғону ҷон бадард аст.

Зинҳор намерасад ба манзил,
Ин Хайри Худо пиёдагард аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Рамазон асту паричеҳра, ту моил ба манӣ,
Ноз ширин ту макун, рӯзаи ман мешиканӣ.

Душманатро ба шакар куш, на манам душмани ту,
Эй шакарлаб, ки ту ширинию шириндаҳанӣ.

Чаманорову чаманбахту чаманрухсора,
Чамандому чаманбӯю чамону чаманӣ.

Бо умеди ту манам, эй дури макнун, акнун,
Накунӣ, то ту зи ман меҳру муҳаббат биканӣ.

Эй парипайкари ман, пар-паракон пар-пари зулф,
В-эй паричеҳра, паричашму парипираҳанӣ.

Машканам дар шикани зулфи худ, эй тавбашикан,
Ҳолиё бо ману фардо ба кадом анҷуманӣ?

Гоҳ дар тавбаву гаҳ дар ҳаваси ёру шароб,
Хайридин, рост бигӯ: одамӣ ё аҳриманӣ?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Хаставу муҳтоҷу мискин, содаву гумраҳ манам,
Кори худ мондасту кори дигарон дар гарданам.

Қарз домангиру ғам бисёру раҳ дуру дароз,
Қарзи уқёнусиям бо қатраҳо чун мекaнам?!

Села-села мардумон Руссиярав аз дасти қарз,
Ман миёни селаи андӯҳ андар меҳанам.

Хайрхоҳам беҳисоб асту ҳисоби қарз гум,
Беҳисоб аз дар ба дар ҳарчанд ман сар мезанам.

Дар таги панҷоҳ умрам гашта торикармуғон,
Ҳарф бе айнак набинад ҳар ду чашми равшанам.

Гар маошам, шайхи Хайрандеш, сарфи орд шуд,
Боз дар андешаи чою пиёзу равғанам.

*Соли 1995*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Дӯст афзун боду дасти мо кушод,
Кини мо кам боду меҳри мо зиёд.

Ризқи мардум бод афзун раҳ ба раҳ,
Раҳ ба раҳ, мардум расад бар ҳар мурод.

Босаводонанд ганҷи ҷамъият,
Водареғи одамони бесавод!

Водареғо, водареғо, водареғ:
Ҳар қадам олудагӣ, фисқу фасод.

Бо ҳама номеҳрубониҳои давр,
Бо ҳама шӯрию талхию тазод,

Хайрандешо, чӣ ширин зиндагист,
Субҳидин ҳар субҳ меояд ба ёд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Як дӯст ба бар дораму як ҷон дорам,
Як давлату як Темури Султон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофати даъвати ӯ
Ман майл ҳамеша сӯи Яздон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофати суҳбати ӯ
Шукронаи мардуми мусулмон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофати давлати ӯ
Ман давлати фазли Оли Сомон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофати қисмати ӯ
Дарду алами миллати сарсон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофати ҳурмати ӯ
Ҳурмат ба диёри Тоҷикистон дорам.

Ӯ ҳаст, ки бо шарофаташ, Хайрандеш,
Ман тахти Каю тоҷи Сулаймон дорам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Кори мо афтоду худро қадр андозӣ чаро?
Ё намехоҳӣ магар бори дигар бинӣ маро?

Гар нахоҳӣ ворид андар дафтари корат шавам,
Ман пазирам ин сухан, аммо худат берун баро.

Кибр аз он дорӣ: бурун н-оию нагзорӣ дарун,
Хонаи дил гашт, эй номеҳрубон, мотамсаро.

Андар ин дурӯза дунё ҳеҷ кас роҳат надид,
Нест ҷои орамидан олами пурмоҷаро.

Кори Хайрандеш худ сомон диҳ, эй Яздони пок,
Пеши номардон мабар ин шайхи корафтодаро.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Зан роҳати дил, роҳати тан, роҳати ҷон аст,
Зан зиндагию зиндагиафрӯзи ҷаҳон аст.

Зан хонаи ободу дили шоду пару бол,
Зан хотири осудаву зан ризқрасон аст.

Ку мард, ки вобаставу побастаи зан нест?
Дар ҳикмати зан рози Худованд ниҳон аст.

Озодию озодагии зан шарафи мост,
Равшан ба чароғи зани озода замон аст.

Бе зан ба ягон хона ба давлат нарасад мард,
Раҳмат ба ҳамон мард, ки ғамхори занон аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Баҳор омад, гул омад, сабза омад, лолазор омад,
Гулистон омад атрафшону гулбонги ҳазор омад.

Гуворо чаҳ-чаҳи мурғон, дарахтон чатригулбарсар,
Муҷалло нуқраобаш гулбадомон ҷӯйбор омад.

Ҳаво форам, замин гулхезу гулрез, осмон гулбез,
Гулобод аст ин гардун, чӣ фасли хушгувор омад.

Бигӯед интизоронро биёмӯзанд бедорӣ,
Сияҳгӯшу гули бодому наргис чашми чор омад.

Ба кӯҳу дашту саҳро барраву бузғола дар бозӣ,
Навои нои чӯпонӣ зи тарфи ҷӯйбор омад.

Сафедабру сияҳабр осмонҳоро фарогир аст,
Хушо, аз неъмати борон барори кишту кор омад.

Баҳорӣ табъи Хайрандеш гашту турнаи мисраъ
Қатор андар қатор андар қатор андар қатор омад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Булбул, ту чӣ мехонӣ дар ин нисфишабӣ?
Гаҳ нола ҳамекунию гаҳ дар ғазабӣ.

Ё ошиқи мастӣ, ки аз ин чархи фалак
Маҳбубаи ҷони хешро металабӣ?

Ё шоири хушлаҳҷа туӣ, Ҳофизро
Хуш замзама мекунӣ ба лафзи арабӣ?

Ё қиссаи талхи ишқро мегӯӣ
Аз давраи Ҷамшеду Каю Нӯҳи набӣ?

Аз шох ба шох меҷаҳӣ масту хароб,
Эй ошиқи беқарор, ҳоле аҷабӣ.

Ҳар навда магар пои туро месӯзад,
К-ин турфа дар изтиробу дар тобу табӣ?

Гар булбули шӯрида наӣ, Хайрандеш,
Чӣ дар ғаму чӣ дар табу чӣ дар тарабӣ?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Муборак сабзаву борон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!
Муборак шодии ёрон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!

Замин гулрезу хандон шуд,
    Ҳаво бас накҳатафшон шуд,
Зиҳӣ, тифлони гулгардон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!

Ҳама дар лаб шакар дорад,
    Ғазал кайфи дигар дорад,
Сухансанҷу сухандонон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!

Бишуд равшан чароғи гул,
    Бизан чаҳ-чаҳ ба боғи гул,
Саро, эй булбули хушхон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!

Диҳад ҳар донаи гандум
    Хабар аз серии мардум,
Барори кор, эй деҳқон,
    Муборак бод Наврӯзӣ!

Бигӯ бар шоҳу бар дарвеш,
    Бигӯ бар шайхи Хайрандеш,
Бигӯ, эй ҷон, ба ҳар инсон:
    Муборак бод Наврӯзӣ!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Сарсабз орифонро сабзинаҳо бубинанд,
Сарсабз то ҷаҳонро баъдинаҳо бубинанд.

Мардони шеърпарвар раҳҷӯ шаванду раҳбар,
Оинаҳо ҷилои Одинаҳо бубинанд.

Маҳзун мабош, эй дил, дилхун мабош, эй ҷон,
Бадро фақат ба олам бадкинаҳо бубинанд.

Ворaста аз каму ғам, пайваста аҳли олам,
Шӯру талоши мастӣ дар синаҳо бубинанд.

Рустам дигар ба олам фарзандкуш нагардад,
Суҳробҳои худро Таҳминаҳо бубинанд.

Искандарист имрӯз оини Хайрандеш,
Ояндаҳо биёянд, оинаҳо бубинанд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ёри ман дина ба боғ омада буд,
Вусма бар қоши сиёҳаш зада буд.

Баъд аз ин дар дили ман завқ намонд
Аз тамошои гули сурху кабуд.

Қақрае зад, гули олуча шукуфт,
Гули шафтолу дигар лаб накушуд.

Зулфро дода ба чанголи шамол,
Ақлу ҳуши ҳамаро дарбирабуд.

Лаҳзае чанд хиромиду бирафт,
Оҳ аз ин омадану рафтани зуд!

Буд гӯё ки ҳама афсона,
Оҳу афсӯс, ки афсона набуд.

Оташак зад ба дили Хайрандеш,
Монд оҳу аламу ҳасрату дуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Эй рӯи хуш ба ҳар касу нокас кушодаӣ,
Моро ба рӯи оташи дӯзах ниҳодаӣ.

Бар пойбӯси қомати ту боз омадем,
Эй гул, ҳанӯз коми дили мо надодаӣ.

Абри баҳор, гиряи зори ту баҳри чист?
Мо беиродаем, ту ҳам беиродаӣ?

Эй субҳ, чашм мебарӣ, оинаӣ магар?
Эй бод, маст мекунӣ, оё ту бодаӣ?

Эй Хайрмард, аз ғами беҳудаат чӣ суд?
Олам мураккаб аст, аҷаб марди содаӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

На ҳама гард, ки гард аст, саворе дорад,
На ҳама мард, ки мард аст, мазоре дорад.

На ҳама тир, ки тир аст, расад бар ҳадафе,
На ҳама шер, ки шер аст, шикоре дорад.

На ҳама хор, ки хор аст, бари гул рӯяд,
На ҳама гул, ки ту мечинӣ, хоре дорад.

На ҳама доғ, ки доғ аст, равад аз дили зоғ,
На ҳама боғ, ки боғ аст, баҳоре дорад.

На ҳама сабр баровард зи ғӯра ҳалво,
На ҳама кор, ки кор аст, бароре дорад.

На ҳама рӯз, ки рӯз аст, ба некӣ гузарад,
Рӯз агар оинарез аст, ғуборе дорад.

Хайрандеш, дар ин шаҳр дилат баст мағор,
Рав ба ҷое, ки талу теппаву ғоре дорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Занги охир охирин фазл аст дар таълимгоҳ,
Фазли дониш, фазли одобу хирад, фазли нигоҳ.

Занги охир – аввалин оҳанги иқболи баланд,
Мекунад даъват ба сӯи касбу кору иззу ҷоҳ.

Занги охир  охирин дарс аст, дарси хайрбод,
З-ин сабаб як гӯшаи дил мешавад кам-кам сиёҳ.

Занги охир  аввалин азм аст бар кӯи мурод,
Волидайну аҳли мактаб ҳаст бар ин гап гувоҳ.

Занги охир – охирин сарҷамъии ҳамсинфакон,
Баъд аз ин ҳар сӯпарешонанд чун мардумгиёҳ.

Занги охир  аввалин қосид зи Шоҳи Зиндагист,
Як хаторо ҳам намебахшад дигар ин подшоҳ.

Занги охир охирин дидори мактаббачаҳост,
Мебарояд орзу аз пайраҳа бар шоҳроҳ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шаби давлат, шаби суҳбат, шаби шабҳо, шаби ялдо,
Шаби дидору базму назму машрабҳо, шаби ялдо.

Шаби ошиқ, шаби ориф, шаби олим, шаби шоир,
Шаби толиб, шаби ғолиб, шаби мавло, шаби ялдо.

Шаби шамъи пушаймонон, шаби ҷамъи парешонон,
Рагу пайванду аҳлу ақрабо пайдо, шаби ялдо.

Шаби пазмон, шаби меҳмон, шаби паймон, шаби эҳсон,
Намеоӣ дигар фардову пасфардо, шаби ялдо.

Таи як сол ту як бор бар Эрон кунӣ дидор,
Шаби эҳё, шаби эҳдо, шаби шайдо, шаби ялдо.

Биё, к-аз ҷилва биншинам, ба кунҷе чилла биншинам,
Ки гардад аз паи ту чилла побарҷо, шаби ялдо.

Ту, Хайрандеш, бар Машҳад ғазал овардаӣ ё шаҳд?
Шаби ялдо, шаби ялдо, шаби ялдо, шаби ялдо.

***Машҳад. 26.12.1996***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳофизо, ин манам дилогаҳи ту,
Машҳадат омадам, ба погаҳи ту.

Машҳадат омадам, дароз будаст
То ба он хоки поки ту раҳи ту.

Мерасад хуш ба гӯшам аз Шероз,
Андалебо, навои чаҳ-чаҳи ту.

Пои ланги маро Худо гирад,
Во аламҳои дасти кӯтаҳи ту!

*Соли 1996*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ман ошиқи дунёяму дунё зи ман бегона аст,
Ман ҳақ талаб дорам, вале дунё ҳама афсона аст.

З-он рӯз нобовар шудам аз гардиши чархи фалак,
Дидам, ки ҳукми ҳуҷрашин қонун ба соҳибхона аст.

Дил хун шуд аз афғони ман дар синаи бирёни ман,
Хаққо, ки ганҷи бебаҳо дар гӯшаи вайрона аст.

Хақро зи ноҳақ фарқ кун, ҳам ғарқ шав, ҳам ғарқ кун,
Ҳукми шариат хор шуд, ҳукми замон мардона аст.

Майхона дар масҷид буд, эй дардошно, дидем дӯш,
Имрӯз масҷидро бубин, овора дар майхона аст.

Бар Хайрандеш офарин гуфтӣ, дигар асло магӯ,
Олам ҳама беобрӯ аз дасти ин девона аст.

***Соли 1989***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй бандаи пок, аз Худо метарсӣ,
В-эй карда ҷиноят, аз ҷазо метарсӣ.

Эй бой, туро мудом бим аст зи дузд,
В-эй камбағал, аз дасти гадо метарсӣ.

Гардандаҷаҳон, к-аввалу анҷомаш нест,
Аз ҳайбати ин бесарупо метарсӣ.

То обу ҳавои даҳр заҳролуд аст,
Аз гулшану аз боди сабо метарсӣ.

Дар кӯдакӣ аз бало наметарсидӣ,
Акнун, ки калон шудӣ, чаро метарсӣ?

З-он рӯз нишонат надиҳад, Хайрандеш,
Морат газад, аз банди ало метарсӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Дилам ба сар бидавад, маътали ишорат ҳаст,
Чаро ба сар бидавад? Пош бетаҳорат ҳаст!

Дар ин замона, ки ҳар кас ғаме ба дил дорад,
Ту кордор набошӣ, кӣ кордорат ҳаст?

Ба қаҳр аз бари мо пеши дигарон рафтӣ,
Чӣ қадрат аст дар он ҷо, чӣ эътиборат ҳаст?

Шунидаам, ки шудӣ корсози хастадилон,
Биё, ки ҷони мани хаста интизорат ҳаст.

Вуҷуди зиндаӣ, охир, чӣ мешавӣ дилтанг?
Фазои беҳадату вақти бешуморат ҳаст.

Дилам ба ҳоли ту, эй гул, чу лола месӯзад,
Ки нав шукуфтаию охири баҳорат ҳаст.

Қадам гузор ту боэҳтиёт, Хайрандеш,
Ба дӯш то дами вопас шикастаборат ҳаст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Булбули шӯрида менолиду мегуфт,
Лола мешармиду ношармида бишкуфт.

Мавлавиасле хиромон маснавирез,
Ҳофизавлоде ғазалдурдона месуфт.

Оламе мехуфту ӯ бедору бедор,
Оламе бедору ӯ мехуфту мехуфт.

Боз нафси бадтаре ояд ба олам,
Нафси зар дар ҷогаҳи нафси шикам хуфт.

Кинаи серӯзаро аз дил, ки руфтӣ,
Кинаи деринаро ҳам метавон руфт.

Рафта-рафта душманаш кам мешавад, кам,
Рози дил аз дӯст Хайрандеш бинҳуфт.

Рӯи некиро нахоҳад дид ҳаргиз,
Рағми Хайрандеш ҳар кас, ки барошуфт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Дидем рӯи ёр шабе, мубтало шудем,
Моро магӯй сода, ки мо ҳам бало шудем.

Биллаҳ, ба шаб ситораи равшан дар осмон,
Биллаҳ, ба рӯз накҳати боди сабо шудем.

Бе меҳр по ба хонаи мардум намондаем,
Омад касе ба хонаи мо, ошно шудем.

Чархи фалак ба коми дили мо дигар нагашт,
Як умр подшоҳ будему гадо шудем.

Моро ҳазор банд намеоварад ба ҳам,
Аз банд-банди хеш дигар мо ҷудо шудем.

Дар пуштаи адаб асари пои мо маҷӯ,
Дар пушти кӯҳи Қофи сиёсат баҷо шудем.

Нур аз ҷабину чеҳраи хурду калон парид,
Инсоф ҳам намонду ҳама беҳаё шудем.

***Соли 1991***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Озурдадилонем, ҳалоҳилшудагонем,
Беғамбудагонем, сияҳдилшудагонем.

Будем тарафдор ба тинҷиву амонӣ,
Имрӯз чаро ҷумла муқобилшудагонем.

Имсол хуши рафтани майхона надорем,
Он қобилаконем, ки коҳилшудагонем.

Аз ақл зиён дидаву нодида яке суд,
Он оқилаконем, ки ҷоҳилшудагонем.

Соҳибхирадонем, ки девонаи ҳотем,
Худбехабаронем, ки ғофилшудагонем.

Мо шоираконем, надорем ба кас кор,
Девонаву парвонаи маҳфилшудагонем.

***Соли 1992***

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

***

Килки тақдирот, Худоё, булъаҷаб тасвир кард:
Дод истеъдод, аммо чеҳраат дилгир кард.

Шири шеъри форсӣ ҷӯи ба ҷӯ сар мезанад,
Шоиро, пистони моматро Худо пуршир кард.

Панд чун қанд аст, мегуфтанд, омад боварам,
Носеҳо, панди ту бар хурду калон таъсир кард.

Дигарон бо дӯстон гулқанду ҳалво мехуранд,
Як маро дар интихоби дӯст бетақдир кард.

Миллатеро миллате таҳқир агар созад, бад аст,
Миллати тоҷикро тақдир ҳам таҳқир кард.

То тавонӣ, эй ҷавон, асло ғами дунё махӯр,
Ғуссаи беҳудаи дунё маро ҳам пир кард.

Шоире монанди Хайрандеш дар дунё кам аст,
Сеҳри лутфи дилрасаш Кӯлобро Кашмир кард.

***Соли 1993***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Пур кун қадаҳ аз бодаи гулранги хунук,
Пур шуд Ватан аз ҳилаву найранги хунук.

То кай сари таслим фурорад аз бим
Сад шер ба як рӯбаҳаки ланги хунук?!

Ҷон маст кунад бӯи хуши сулҳу салоҳ,
Эй бод, бубар бӯи бади ҷанги хунук.

Базми ҳама базму базми мо ғуссаи дил,
Нанги ҳама нангу нанги мо нанги хунук.

Гулбонги рубоб нест дар базми фалак,
Рақсида намешавад ба оҳанги хунук.

Чашм об намехурад зи ҳар чеҳраи зишт,
Дил об намехурад зи фарҳанги хунук.

Ку дасти савоб, то гузорад лахте
Дар синаи тафсидаи ман санги хунук!

Ҳарчанд кушод аст дили Хайрандеш,
Ғам хӯрд сари қофияи танги хунук.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Одам оламро мекунад вайрон,
Олам одамро мекунад вайрон.

Одам оламро, олам одамро,
Олам оламро мекунад вайрон.

Одам одамро, олам оламро,
Дам дамодамро мекунад вайрон.

Ҷам занад ҷоми худ ба санги ғам,
Ҷом ҳам Ҷамро мекунад вайрон.

Рустами Дастон, бин, ба зарби гурз
Мушти Ҳотамро мекунад вайрон.

Ҳотами даврон бо зару сарват
Гурзи Рустамро мекунад вайрон.

Замзамаҳоят,оҳ, Хайрандеш,
Завқу Замзамро мекунад вайрон.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Оҳ,золими хунхор, аз Худо наметарсӣ?
Оҳ,эй сияҳкирдор, аз Худо наметарсӣ?

Эй зи дину имон дур, эй ба деву шайтон ҷӯр,
Эй ба мору каждум ёр, аз Худо наметарсӣ?

Гушнаҳо фаровонанд, зори як лаби нонанд,
Қуту нони ту бисёр, аз Худо наметарсӣ?

Мардтар бишав, эй мард, шери нар бишав, эй мард,
Модагурги одамхор, аз Худо наметарсӣ?

Кушта зиндагӣ кардан, хуни халқ дар гардан,
Девмарди халқозор, аз Худо наметарсӣ?

Оҳу войи Хайрандеш кард қалби мардум реш,
Халқ гашт ҷонбезор, аз Худо наметарсӣ?

***Соли 1992***

*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ало, эй дил, мудом андар қафас бош,
Вале андар ҳазору як ҳавас бош.

Мабодо беҳавас як лаҳза сӯзӣ,
Ҳавас андар ҳавас ҳар як нафас бош.

Ало, эй лаб, лаболаб бош фарёд,
Ало, эй гӯши ман, фарёдрас бош.

Паёпай корвонҳо дар каминанд,
Ало фарёди лабҳоям, ҷарас бош.

Ғанимат ҳаст ин фурсат, ғанимат,
Агар гул ҳам набошӣ, хору хас бош.

Ҳама гаштанд ҳамболи уқобон,
Ту, Хайрандеш, ҳамболи магас бош.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Оқибат рӯзе хамӯш ин шӯру ғавғо мешавад
Оқибат ин зиндагӣ табъи дили мо мешавад,

Бар гулистон ҳусни нав мебахшаду маънои нав,
Ҳар гаҳе як ғунчаи нашкуфтае во мешавад.

Мешавад охир гулистон кулбаи эҳзони мо,
Юсуфи гумгаштаи мо боз пайдо мешавад.

Кинаву иғво намемонад, намемонад ғараз,
Оқибат ёру бародар халқи дунё мешавад.

Ҳайфи ҳарфе, аз сари андеша гар н-ояд бурун,
Боиси хунрехтанҳо ҳарфи ноҷо мешавад.

Субҳдам дидам ба рӯи ҷонамозаш дар суҷуд,
Габри имонбехабар имрӯз мулло мешавад.

Обрӯ хоҳӣ, ба дарбори бадандешон бирав,
Ҳар кӣ Хайрандеш бошад, зуд расво мешавад.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар кучо хок аст, он ҷо одам аст,
Ҳар кучо одам бувад, он ҷо ғам аст.

Ҳотами Тоӣ фақат якто гузашт,
Гарчи дунё пур зи номи Ҳотам аст,

Дар миёни ҷумлаи алломаҳо
Ҳофизи ғайбошно исодам аст.

Ҳар ғазал, ҳар байт, ҳар як мисрааш
Захми гетиро давову марҳам аст.

Илми беолим намебинам, вале
Олими беилм олам-олам аст.

Одамони хуб бисёранд, лек
Мисли Хайрандеш дар дунё кам аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Шукри бисёр, ки ҳастем қатори дигарон,
Баъд аз ин кор надорем ба кори дигарон.

Рахши ман Рустами Дастони маро дораду бас,
Мурд охир хари ман дар таги бори дигарон.

Зор мегиряму менoламу меболам боз,
То ба гӯшам нарасад нолаи зори дигарон.

Барфбодам ба зимистони Ватан мерезад,
Лолазорам нашавад ҳусни баҳори дигарон.

Қимати боғи маро кам назан, эй хоҷаи маст,
Себи ман хӯрда, макун шукри анори дигарон.

Зину афзору лаҷомаш бизан, эй Хайрандеш,
Аспи мо зеб надорад ба савори дигарон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Заб фикру хаёли хом кардем,
Бо беадабон салом кардем.

Беҳуда дар ин диёр худро
Бар шоҳу гадо ғулом кардем.

Муҳтоҷи ҳазор марду номард,
Овораи сад маҳом кардем.

Пажмурдагули рамидабӯро
Афсӯс, ки эҳтиром кардем.

Як буттаи хор буд, аммо
Ӯро гули лола ном кардем.

Гуфтем кунем ҷангу ҷанҷол,
Андешаи хосу ом кардем.

Эй вой ба ҳоли Хайрандеш
Гуфтему ғазал тамом кардем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Бидон, ин чархи ахзар беагар нест,
Замину моҳу ахтар беагар нест.

Маноз аз қувваат, эй муштпарвар,
Ҷаҳони мушпарвар беагар нест.

Сарозер омадӣ, сар меравад, сар,
Сароэҳзон саросар беагар нест.

Маҷӯ, эй бехабар, беҳуда довар,
Макун даъво, ки довар беагар нест.

Дар ин дунё фақат аз худ намонӣ,
Ба ҳар кӣ ҳаст бовар, беагар нест.

Ҳақиқат аз сари минбар шунидем,
Валекин пушти минбар беагар нест.

Ба Хайрандеш фармо, хап кунад, хап,
Ки ӯ ҳам, эй бародар, беагар нест.

*Соли 1986*

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Сари озодагон бояд бигирад май зи ангурам,
На ҳар мутриб тавонад захма зад бар тори танбӯрам.

Дигар мутриб талаб дорам дар ин гулбазм, к-ин мутриб
Фақат гӯши маро метобаду ман боз ноҷӯрам.

На ҳар оқил матоъу ҷавҳару қадри маро донист,
На ҳар зирак тавонад хӯрд асал аз фавҷи занбӯрам.

Ало, эй навниҳоли беди Маҷнун, сар фурӯ мафкан,
Туро чӣ дард уфтодаст, охир, ман ки маҷбурам.

Надорад ақл, ҳар кас аз мани девона меранҷад,
Ки ман аз кӯчаи одамгарӣ фарсангҳо дурам.

Гаҳе бе худ, гаҳе бо худ, гаҳе бе ёр, гаҳ бо ёр,
Гадои дарбадар гоҳею гаҳ хоқону фағфурам.

Агар оқил шудан хоҳӣ, ту бо ман бош, Хайрандеш,
Адаб аз ман биёмӯзӣ, ки ман беақли машҳурам

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Меъмори ҳарам, саҷда ба меҳроб накардӣ,
Сармаст фалакро ба маи ноб накардӣ.

Умрам таги чил рафту ба олам назадам рӯ,
Эй чарх, касеро ту чу ман боб накардӣ.

Додӣ ту маро табъи ғазалгӯву Чагамро
Боғу чаману хурраму шодоб накардӣ?

Роҳи Чагаму омадурафташ ба дилам зад,
Бобои маро сокини Кӯлоб накардӣ?

Покизаниҳодем, ғубори раҳи моро
Лаъли Ямону гавҳари ноёб накардӣ.

Одоб чӣ розест, ки дар аҳли адаб нест,
Ин аҳли адабро ту баодоб накардӣ.

Чӣ суд зи ғам хӯрдану бедор нишастан?
Парвои касе нест, ки шаб хоб накардӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Боди Сомон бар машомам бӯи гул безад ҳаме,
Дар дилам, дар маҳфилам сад шӯр ангезад ҳаме.

Домани боғу чаман, ё домани дашту даман
Ёр дар гулдомани дилдор овезад ҳаме.

Шод манзилҳо шавад, обод маҳфилҳо шавад,
Кинаву иғво зи байни шоирон хезад ҳаме.

Дар сарам, дар дафтарам, дар мисраи шеъри тарам
Меҳри ҳафтоду ду миллат то биёмезад ҳаме.

Соқиё, ҷомаш мадеҳ, кайфар ба фарҷомаш мадеҳ,
Шайхи Хайрандешро май обрӯ резад ҳаме.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй мард, зеби хонаву долони мо зан аст,
Файзу ривоҷи даскаву дуккони мо зан аст.

Ҳавлию бому ҳотаи мо гулбасар аз ӯст,
Дар гирди дегу суфраву сархони мо зан аст.

Ризқи Худову рӯзии меҳмони мо зиёд,
То сарфакори тӯшаву талқони мо зан аст.

Зан оташ аст, боди мурод аст, беғаш аст,
Оби ҳаёти хоки биёбони мо зан аст.

Зан абри раҳмат аст, ки ҳамлаш муҳаббат аст
Покизагию иффату имони мо зан аст.

Зан бахти мост, ҳамнафаси рӯзи сахти мост,
Душвори мо зан аст, ҳам осони мо зан аст.

Эй Хайрмард, аввалу анҷоми мост зан,
Зан ҷони зиндагист, дилу ҷони мо зан аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

То даме ки ҳаст дар сум одаму одамгарӣ,
Кай кунад бар мо табассум одаму одамгарӣ.

Пешу пасро кас намебинад, ҳама дар пушти нафс,
Ку дигар дар ин талотум одаму одамгарӣ?!

Бин, бурун карданд аз хум ин замон ифритро,
Зери дарё монд дар хум одаму одамгарӣ.

Одаму одамгарӣ гум гашту меҷӯянд, ҳайф,
Одамон аз мору каждум одаму одамгарӣ.

Хӯша мебандад фузун, бошад миёни мардумон
Гар ба қадри дони гандум одаму одамгарӣ.

Қиссаву афсона гаштӣ байни одамҳои хуб,
Аз ту омӯзанд мардум одаму одамгарӣ.

Дасти Хайрандешро, то чанд битвонӣ, бигир,
То нагардад аз ҷаҳон гум одаму одамгарӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Чилчароғи зулмати шабҳои тор, омӯзгор,
Ҷилва кун, эй офтоби рӯзгор, омӯзгор.

Эй ба ҳар торе навову эй ба ҳар дарде даво,
Марҳами чашму дилу ҷони фигор, омӯзгор.

Зиндагӣ маъно надорад бе вуҷудат, эй закӣ,
Одамийят бе ту монад хору зор, омӯзгор.

Кони илму кони ишқу кони ақлу кони фазл,
Эй туро дорад нигаҳ Парвардигор, омӯзгор.

Илм бахшу ишқ бахшу ақл бахшу фазл бахш,
Аз ҷаҳолат Тоҷикистонро барор, омӯзгор.

Мепарастам илму ишқу ақлу фазлатро ба ҷон
Рӯдакимонанду Хайрандешвор, омӯзгор.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Зиҳӣ чашме, ки ҳаргиз нам нагирад,
Зиҳӣ марде, ки дар дил ғам нагирад.

Ҳама дилҳо шавад аз кина холӣ,
Ки аз одам қасос одам нагирад.

Ба ҳар як хонаву дар тӯй бошад,
Илоҳӣ ҳеҷ кас мотам нагирад!

Дар ин камфурсатӣ камҷуръатӣ бас,
Касе бояд худашро кам нагирад.

Бисӯз, эй барқи ғайрат, ҷисму ҷонам,
Маро то гиряи пайҳам нагирад.

Шикаст оинаи искандариро,
Ҳар он миллат, ки ҷоми Ҷам нагирад.

Қалам зинҳор, Хайрандеш, магзор,
Қалам бояд ягон дам дам нагирад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Розошно мусолиҳа бо ман намекунад,
Лутфу карам касе ба фурӯтан намекунад.

Коре, ки дӯш дӯст, Худоё, ба дӯст кард,
Душман, ки душман аст, ба душман намекунад!

Ҷони маро суроғи ту хурсанд кард, лек
Чашми маро чароғи ту равшан намекунад.

Мерафтам аз қафои ту, к-ин чеври фалак
То ришта нест, лутф ба сӯзан намекунад.

Донистам, эй дареғ, маро шоҳи хусравон
Ҳурмат ба қадри донаи арзан намекунад.

Симурғи Қофи табъи ман – афсоназоди ман
Дар пуштаҳои паст нишеман намекунад.

Эй Хайр, хайрбод бигӯю бирав, ки дӯст
Дар бозии ҳаёт маро тан намекунад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Зиштоин ҳам ба чашмам дилкаш аст,
Зиштрӯ ҳам дар нигоҳам маҳваш аст.

Мекашам то кай азоби зиндагӣ,
Зиндагонӣ каш-кашу кашмокаш аст.

Судбахшон безарар ҳам нестанд,
Дегро рӯяш сиях аз оташ аст.

Ман сабақ аз мактабе дорам, дар он
Севу се дар зери ханҷар ҳам шаш аст.

Ҷони ман маст аст, эй дарёдилон,
Аз сабӯе, ки шаробаш беғаш аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ин ҷо на гап аз хату савод аст,
Авроқи китоби мо ба бод аст.

Оби ту маро ба оташ афканд,
Хоки ту маро ба бод додаст.

Навмед мудом бод шайтон,
Одам ба умеду бомурод аст.

Танг аст дилу кушод олам,
Танг асг ҷаҳону дил кушод аст.

Мо камбағалему камбизоат,
Эй дӯст, гунохи мо зиёд аст.

Ҳар сар, ки ту дидаӣ сарафроз,
Сад макру ҳазор фитна зодаст.

Бемеҳр мабош, Хайрандеш,
Моро ба ту маҳкам эътиқод аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Ин куҳнаҷаҳон куҳнаниҳод аст, азизон,
Ин роз азизе накушодаст, азизон.

Маънои ҷаҳондорию маънои ҷаҳон чист?
Ҷанг асту ҷидол асту ҷиҳод аст, азизон.

Не шоҳ амон ёбаду не мардуми дарвеш,
Ин зеру забар ҷумла зи бод аст, азизон.

Аз додаву нододаи тақдир чӣ нолам?
Додаст маро, боз надодаст, азизон.

Кам дидаву кам ёфтаву кам назанедам,
Дар гардани ман қарз зиёд аст, азизон.

Не қадри сухан мондаву не қимати шоир,
Ин чархи фалак кӯрсавод аст, азизон.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Парвои шумо надорад, афсӯс, афсӯс,
Андешаи мо надорад, афсӯс, афсӯс.

Машҳур шуду хаёл дорад, ки дигар
Ӯ кори хато надорад, афсӯс, афсӯс.

Ҷовид намонад одаме дар олам,
Дунё, ки вафо надорад, афсӯс, афсӯс.

Аз моли ҷаҳон чаҳон-чаҳон дорад, лек
Ӯ шарму ҳаё надорад, афсӯс, афсӯс.

Ҳар дард, ки ҳаст, як даво ҳаст, вале
Ин дард даво надорад, афсӯс, афсӯс.

Худбовару худхоҳу худобехабар аст,
Бовар ба Худо надорад, афсӯс, афсӯс.

*Соли 1987*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Бодае, ки ман дорам, дар сабӯи одам нест,
Ҳамлае, ки ман орам, дар адӯи одам нест.

Сӯи ман намебинӣ, рӯи ман намебинӣ,
Чашму рӯ, ки дорӣ ту, чашму рӯи одам нест.

Он қадар шудам дилсард, он қадар шудам сардард,
Тӯйҳо ба чашми ман мисли тӯи одам нест.

Мӯ ба мӯ ҳама макр аст он забону мелофад,
То шавад аз ин олам мӯ ба мӯи одам нест.

Сулҳро ситоиш кун, рӯҳро навозиш кун,
Орзуи ҷанг, охир, орзуи одам нест.

Зери пот густурда, эй ҷавони дилмурда,
Роҳҳои бисёру раҳ ба сӯи одам нест.

Феълу хӯи Хайрандеш ҳаргизам намефорад,
Феълу хӯ, ки ӯ дорад, феълу хӯи одам нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Монанди ман аз бад батаре ҳаст магар? Нест!
Номардтар аз ман дигаре ҳаст магар? Нест!

Аз феъли бад уфтодаам, оваҳ, ба хиҷолат,
Ҷуз ман ба сари ман хатаре ҳаст магар? Нест!

Дар ҷамъияти аҳли башар, дар ҳама олам
Бисёртар аз ман зараре ҳаст магар? Нест!

Мисли мани бадкешу бадафъолу бадахлоқ
Бадзоту баду бадгуҳаре ҳаст магар? Нест!

Беақламу беишқаму беилмаму бемеҳр,
Савдои сари ман ба саре ҳаст магар? Нест!

Фиръавн зи ман дар ғаму Шаддод ба фарёд,
Манвор худобехабаре ҳаст магар? Нест!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Худовандо, Раҳим астию Раҳмон,
Ба раҳбарҳо бидеҳ инсофу имон.

Ба сарвақте бимон лахте нишинам
Мани дарвеш дар тахти Сулаймон.

Маро гирди сари худ тоб дода,
Маяфкан дур, эй чархи фалахмон.

Ҷигарбирёнам аз ҳиҷрону гаштам
Ба қавму ақрабои хеш пазмон.

Ҳазорон бор шуд, эй куҳнадунё,
Мусулмон кофару кофар мусулмон.

Ба ин дунёи бемеҳру муҳаббат,
Ба ин сахтозмои сустпаймон

Чаро ман омадам, эй Хайрандеш,
Пушаймонам, пушаймонам, пушаймон.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

***

Ҷилои оинаи хотирам ғубор гирифт,
Гулӯи ашки маро чанги рӯзгор гирифт.

Дигар ба марзи тану ҷон гиёҳи сабзе нест,
Хазон дудаста гиребони навбаҳор гирифт.

Ғирев омаду орому офият зад ғайб,
Фиреб ҷасту адолат раҳи фирор гирифт.

Фиғон, ба ёдбуди лаълҳои хандон дӯш
Ду чашму дил алам аз гиряҳои зор гирифт.

Чӣ ҷурму саҳву хато рафт, эй Худои карим,
Ки сангу чӯби қади раҳ ба банда кор гирифт?

Намонд шубҳа, ки манзури дидаҳош кунад,
Гуноҳ кард касе, вақт дар навор гирифт.

Бикӯб каф ба сару сар ба санг, Хайрандеш,
Ки ёр аз бағалат дӯш рафту ёр гирифт.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Мисли ниҳолу сабзаву себарга дилкашам,
Мисли zулолу оташу оина беғашам.

Зеру бами замона ҳама ғарқи оби ман,
Хушку тари ҷаҳон ҳама сӯзад зи оташам.

Не роҳате, на холу хате, не фароғате,
Эй дӯст, даст гир, ки умре мушаввашам.

Лахте хумори роҳату вақте қарор нест,
То хаймаи фалак наканад аз кашокашам.

Гар марди зиракӣ, намади мо чӣ метакӣ?
Месурфад осмони Ҳақ аз чанги мафрашам.

Муҳтоҷи як нигоҳи пур аз меҳру дилбарӣ,
Маҳви ҷамоли бехату холи паривашам.

Заҳри фироқ, эй шаҳи хубон, маро накушт,
Ку шарбати висол, шакармазза мечашам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ало войе, ало войе, ало вой,
Ба талбидан касе ҳаргиз нашуд бой.

Ало дарде, ало дарде, ало дард,
Гадоро кушт мушти Ҳотами Той.

Ало доғе, ало доғе, ало доғ,
Ки оби зиндагонӣ лой шуд, лой.

Ало оҳе, ало оҳе, ало оҳ,
Намеёбам дар ин дорулфано ҷой.

Худоҷоне, Худоҷоне, Худоҷон,
Гиреҳ аз кори Хайрандеш бикшой.

***Соли 1992***

*бароӣ мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Соғари субҳ пур аз бодаи ноб аст, биё,
Ҷилва дар оинаи субҳ савоб аст, биё.

Ҷону чашму дили бедор ба мо бегонаст,
Чашму ҷони ту, ки бегонаи хоб аст, биё.

Нозанинон ба суроғат ба ниёз омадаанд,
Зиндагӣ бе туву нози ту азоб аст, биё.

Аз маю з-оташи ҳаҷри рухи зебои ту дил
Масту девонаву шайдову хароб аст, биё.

Лоларухсору суманбӯву бути наргисчашм,
Даври гулчинию айёми шабоб аст, биё.

Базм хуб аст, вале базми ғазал хубтар аст,
Хайрандешу ғазалбазми рубоб аст, биё.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Эй ошно, муроди ту ҳосил намешавад,
Хизр офтоби давлати ғофил намешавад.

Одам чӣ ҷонварест, зи чӣ турфа ҷавҳарест?
Умре камол ёфта, комил намешавад.

Ранҷи ману азобу хитоби ман аз ту буд,
Ман чун туро шиканҷа кунам, дил намешавад.

Ку қобиле ба бахти ҷаҳони пурихтилоф,
Қобил касе бувад, ки муқобил намешавад.

Мавҷошнои мо шавад авҷошнои мо,
Дарёнавард бе ғами соҳил намешавад.

Ширин хироми мову гуворо давоми мо
Бе шеъру бе таронаву маҳфил намешавад.

Ин тӯтиён зи якдигар шаккаршикантаранд,
Ҳофиз Камолу Мавлавӣ Бедил намешавад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Ҳар кӣ дар дарки сухан чолок аст,
Самакэҳсосу фалакидрок аст.

Ҳар забармард, ки монанди Самак
Зираку зиндадилу бебок аст,

Ҳеч доме нашавад садди раҳаш,
То замин сахт, баланд афлок аст.

Одамизод аҷаб махлуқест:
Гоҳ шод асту гаҳе ғамнок аст.

Чеҳраҳо гарму ба лаб ханда, вале
Синаҳо решу ҷигарҳо чок аст.

Хоксоранд бузургони ҷаҳон,
Аввалу охири одам хок аст.

Машкан оинаи мо, Хайрандеш,
Нияту дасту дили мо пок аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Изтиробу изтиробу изтиробу изтироб,
Инқилобу инқилобу инқилобу инқилоб.

То ба кай ҳамвора ноҳамвор гаштан дар ҷаҳон,
То ба кай ҳамвора ноҳамвор гаштан, эй ҷаноб?

То кадомин лаҳза мемонад ба роҳи офият
Ҳар қадам садҳо саволи зиндагонӣ беҷавоб?

Дасти озоде, ки мо дорем, чун рақсем, чун
Пой дар занҷир моро ҳасту дар гардан таноб?

Ёб,одам, сарҳисоби кору кунди хешро,
Макри одамро нахоҳад ёфт шайтон сарҳисоб.

Гуфт Хайрандеши мо, бо мо биё, эй хеши мо,
В-арна, мемирӣ пушаймон дар биёбони азоб.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Як саре дорам, ки онро мебарам савдо ба савдо,
Як диле дорам, ки онро мезанам дарё ба дарё.

Гарчи бар ҳар марди донову тавоно медиҳам тан,
Як тане дорам, ки онро мебарам танҳо ба танҳо.

Рӯсиёҳон рӯи дунёро сияҳ карданд умре,
Рӯяшонро мурдашӯ бинад дар ин дунёи зебо!

Дӯстон, дар ҳар қадам аҳволи Хайрандеш пурсед,
Оҳ дунё! Оҳ дунё! Оҳ дунё! Оҳ дунё!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Нест бояд кард аз олам камону тирро,
Шод бояд дид дар олам ҷавону пирро.

Пову дасти мо чаро дар банд бошад, эй рафиқ,
Беамон бишкаст бояд кундаву занҷирро.

Раҳм бояд кард, гӯ, эй шери ҷангал, к-он паланг
Рам чаро дод аз ниҳеби хештан нахчирро?

Чораву тадбир омоли хирадмандон бувад,
Оқилон ҷӯянд умре чораву тадбирро.

Ҷангро бояд сутурд аз лавҳи хотирҳо, фақат
Сулҳро бояд суруд – ин шеъри оламгирро.

Бар савоби шеъри Хайрандеш он кас мерасад,
К-ӯ нахонад шеърҳои содаву дилгирро.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Як умр фақат хондаму доно нашудам, Не!
Овозаву дарвозаи дунё нашудам. Не!

Гаштанд ҳама сифлагилон зӯру тавоно,
Эй вой, ки ман зӯру тавоно нашудам. Не!

Дарё набувад номаш, агар об набошад,
Ман об шудам аз ғаму дарё нашудам. Не!

Ҳақ гуфтаму ҳақ рафтаму расво шудам, эй дод!
Ноҳақсифатӣ кардаму расво нашудам. Не!

Хайро, гули дидор муяссар нашудам ҳеч,
Кӯри азалӣ мондаму бино нашудам. Не!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ку роҳ, ки бехатар набошад,
Ку кор, ки бе агар набошад.

Ку субҳ, ки шом дар паяш нест,
Ку шом, ки бе саҳар набошад.

Ку хасм, ки дӯстӣ наварзад,
Ку дӯст, ки дарди сар набошад.

Қонуни ҳаёт худ ҳамин аст,
Ҳар фоида бе зарар набошад.

З-он гӯша нигоҳи хушк хезад,
Гар гӯшаи чашми тар набошад.

Олам ба кӣ лозим аст, эй Хайр,
Одам ба ҷаҳон агар набошад?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Чашми шаҳлои базеби маст дорӣ, эй санам,
Ошиқи чашми базеби масти шаҳлоят манам.

Пеши поятро нигаҳ дорӣ, намебинӣ маро,
Хешро дар пеши пои нозанинат афканам.

Сад қасам бо ёди мижгони қаторат, эй парӣ,
Сад ҳазорон лашкари бадхоҳро барҳам занам.

Сила созам ҳар ду зулфи анбарафшони туро,
Дасти нопоке, ки меёзад ба сӯят, бишканам.

Дар канорат дарди дунёӣ фаромӯшам шавад,
Рӯзу шаб хоҳам, ки оғӯши ту бошад масканам.

Рӯзи аввал дида мегуфтам ба ёди рӯзи нек:
Кош бошад модарат, эй нозанин, хушдоманам.

Дар гули ҳусни ту Хайрандеш қоил гашту гуфт:
«Дил намехоҳад, ки чашмам аз тамошоят канам».

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй парӣ, оби ду чашмони маро дарё макун,
Фанд моро бо хаёли моҳии тилло макун.

Панди Ҳофизро ба гӯшат ҳалқа кун, эй гулбадан,
Рангу обу холу хат бар чеҳраи зебо макун.

Кабки маст, аз пайсамастон пайса мастон, қақба зан,
Қимате дорӣ, ту онро ҳеҷ гаҳ савдо макун.

Дардманде нест ҳамчун ман, табиби ман, биё,
Бевафоӣ бо ҳабиби хештан асло макун.

Аҳду паймон бастаӣ бо ман, машав паймоншикан,
Дигареро аз барои ошиқӣ пайдо макун.

Шоироне ошиқу девонаву расво шуданд,
Раҳм бинмову маро девонаву расво макун.

Шоире ошиқ ба дунё мисли Хайрандеш нест,
Шеъри ӯро дар дилат ҷо деҳ, ба дафтар ҷо макун.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мепарӣ аз як сари девор бар девори дигар,
Меравӣ аз як сари бозор бар бозори дигар.

Хона рӯбем аз қафоят, бод аз ин ҷо канда поят,
То набинемат дар ин гирду вано як бори дигар.

Нуқтаат то дар миёни давраи мо ҷо гирифтаст,
Мекунам пайдо барои худ ягон паргори дигар.

Гар маро овехтан хоҳанд ҳамроҳат ба як дор,
Ман талаб созам барои хештан як дори дигар.

Тарки ёрӣ кардию рафтӣ, нигаҳбонат Худованд,
Ман барои хеш меҷӯям зи дунё ёри дигар.

Ё ки Хайрандеш лозим ҳаст дар авҷи шакарбазм,
Ё ба мисли ӯ ягон мурғи шакаргуфтори дигар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ман, ки булбулҳавасам, дар ҳаваси гулҳавасам,
Чӣ ҳаз аз умри дарозе, ки ба мақсад нарасам.

Мекунам тарки ғазал гуфтану гавҳар суфтан,
Бӯи гулҳои чаман то накунад ҳар нафасам.

Чу ман озод касе нест, бисозанд агар
Аз рагу накҳату аз хандаи гулҳо қафасам.

Дасту поям шуда хуншор зи неши хасу хор,
Гул ба ман ор, ки озурдадили хору хасам.

Гул агар вола кунад, булбул агар нола кунад,
Гулҳавас бош, ки ман шоири булбулҳавасам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Нола наймонанд чанд аз бенавоӣ мекунам?
То ба кай металбаму то кай гадоӣ мекунам?

Пора дил, овора тан, озурда хотир, сина реш,
То ба кай бо мору каждум ошноӣ мекунам?

Неши ақраб дар ҷигар, захми табар дар фарқи сар,
Аз табору ақрабо то кай ҷудоӣ мекунам?

Мушкил андар мушкил андар мушкил андар мушкилам,
То кай, эй чархи фалак, мушкилкушоӣ мекунам?

Давлату савлат ба ман бахш, эй Худои меҳрубон,
Хайрандешам, фақат хайру худоӣ мекунам.

***Соли 1994***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ману дунёи пуршӯру шаби ялдову танҳоӣ,
Дилу ёди парирӯёну доғи ишқу шайдоӣ.

Гузашти рӯзгору ҷони масту ишқи бепарво,
Ду чашми модару дарвозаи ҳавлию раҳпоӣ.

Маро ин хоксорӣ мекушад охир ба сад хорӣ,
Маро ин хомкорӣ мекашад охир ба расвоӣ.

Ба Юсуфталъатон аз номи ман акнун паёме бар,
Қабули хотири олам шуд оини зулайхоӣ?

Чаро боре намепурсӣ, ки ҳоли ошиқон чун аст?
Чаро бар дидани ёрони хуниндил намеоӣ?

Туро оби ҳаёти ҷовидонӣ ҳаст, эй Ҳофиз,
Ки каф-каф об менӯшам, ту дарёӣ, ту дарёӣ.

Бимон, ҳамсояҳо як шаб биосоянд, Хайрандеш,
Табобат кун, ки мегӯӣ ту шаб то рӯз олоӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Сад қасам, эй ишқ, хоки поки модар будаме,
Гар Худо дар шеъру дар санъат паямбар будаме.

Аз сари минбар ҳасудонам агар дур афкананд,
Кош, эй асри сухан, дар пои минбар будаме.

Майхуморӣ мебарад ҳар дам ба сад майхонаам,
Кош умре аз маи ирфон мухаммар будаме.

Ҳам ба меҳру ҳам ба шеъру ҳам ба азму ҳам ба разм
Кош бо Фирдавсии Тӯсӣ баробар будаме.

Гар маош ин асту ҳол ин асту накди умр ин,
Кош, Хайрандеш, як марди қаландар будаме.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй гул, чӣ нашъа дорад бӯи хушат шамидан,
Эй ёр, мазза дорад лаъли лабат газидан.

Гӯянд аз давидан солим шавад тану рӯҳ,
Аммо савоб бошад аз пушти ту давидан.

Бо шеваи ҷавонӣ дорам дили ниҳонӣ
Аз пушти ту давидан, аз зулфи ту кашидан.

Гуфтам: Бутам, арӯсам, мон, аз лабат бибӯсам,
Аммо намонд моро чашми чап аз паридан.

Мо майли орамидан дорем дар бари ту,
Афсӯс, ки ту дорӣ майли зи мо рамидан.

Бошад туро каму беш гар меҳри Хайрандеш,
Дон, ки намешавад сер ин беадаб ба дидан.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ғазал гул асту ҳилолиначидае дорам,
Баҳори мавлавиаслонадидае дорам.

Ба боғ сайри саҳаргаҳ чӣ меравӣ, аз ман
Насими тоза бичӯ, новазидае дорам.

Мудом ҷони пуроташ, мудом хотири хуш,
Мудом рангаку рӯи паридае дорам.

Ба барги лола агар субҳ шабнаме дорад,
Ба барги сафҳае ашки чакидае дорам.

Дар остини хурофот дасти нашкаста,
Таги кулоҳ сари нокафидае дорам.

Ҳамеша дар сари худ ёди ёру ёди диёр,
Ҳамеша дар дили худ офаридае дорам.

Рақиб, кистӣ андар қиёси Хайрандеш,
Ту қасди ҷони ману ман қасидае дорам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Тан ба тан, паҳлӯ ба паҳлӯ, рӯ ба рӯям душман аст,
Таҳ ба таҳ, сутхон ба сутхон, тӯ ба тӯям душман аст.

Мақсаду фикру хаёлу орзу аз ман мапурс,
Мақсадам, фикрам, хаёлам, орзуям душман аст.

Чун бихезам? Чун бигирям? Чун бубахшам? Чун кунам?
Доду гиру шишту хезу хулқу хӯям душман аст.

Булбули гулзор гулро растаи бозор бурд,
Шиква дорад гул, ки ҳусну рангу бӯям душман аст.

Аблаҳе дидам, ки занро мезаду мегуфт талх,
Аврате дидам, ки менолид: Шӯям душман аст.

Дур гардед аз барам, эй обрӯмандони шаҳр,
Эътиборам, шуҳратам, ҳам обрӯям душман аст.

Дӯш Хайрандешро дидам, ки мегуфт: Эй дареғ,
Ҳар нафас, ҳар қатра хун, ҳар тори мӯям душман аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Пас аз ман уқдаҳои кори ман накшуда мемонад,
Раҳи ман баъди ман ҳам боз нопаймуда мемонад.

Гуноҳам дар фарози осмонҳо ҳам намегунҷад,
Пас аз ман рӯҳи ман то ҳашр ноосуда мемонад.

Манам, то ҳиммате дорам, манам то қимате дорам,
Пас аз ман қолаби ҷони ҷаҳон фарсуда мемонад.

Агарчи сӯхтан дорам, надорад равзанам нуре,
Пас аз оташ ниҳоди тута дудандуда мемонад.

Ба мижгон роҳ мерӯбам, ба ҳован об мекӯбам,
Ҳама полудаҳоям баъди ман олуда мемонад.

Ҷаҳон беҳуда бошад, ҷовидон беҳудатар аз он,
Касе, к-ӯ ҷовидон мемонад,  ӯ беҳуда мемонад.

Ба мардум лаҳму чарбу равғану дил мерасад, аммо
Ба Хайрандеш пусту устухону рӯда мемонад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар шабе ба чашми ман рӯи сафҳаи дафтар
Софу сода бинмояд тарҳи чеҳраи духтар.

Кош гар даме бошам, боди фораме бошам,
То вазам ба зулфи ӯ, то кунам варо пар-пар.

«Олуча гули бодом, ман духтараки додом»
Ҳазл мекунад, оҳо, чун кашам манаш дар бар.

Оруи асал бошам даври рӯи гулзораш,
Лолаи лабонаш худ резад аз забон шаккар.

Кай шавад, ки якумрӣ, эй парӣ, ба ҳам бошем
Мову ту ба як болин, мову ту ба як бистар?

Имшабат намебинам, эй рафиқи деринам,
Баста шуд ба тақдирам роҳи ағбаи Шар-Шар.

Кард ҷону дилро реш ҳоли зори Хайрандеш,
Ту ба ишқи ӯ аммо кай ҳамекунӣ бовар?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Муҳтоҷи дастгирии ту гаштам, эй рафиқ,
Дастам бигиру бош, рафиқо, ба ман шафиқ.

Гар сад тариқ ҳаст ба олам, ҳазор низ,
Моро хуш аст гом ниҳодан ба як тариқ.

Сирри абад чу рози азал нокушода монд,
Рози азал нагашт ба мо равшану дақиқ.

Рӯи ақиқу лаъли лабат нест гар, чӣ бок?
Сад мушт лаъл дораму садҳо бағал ақиқ.

Ёрон, гаҳе малулу гаҳе хуррамандy ман
На шоду на малуламу не хуррамy на зиқ.

Баҳрест зиндагӣ, ки канораш диёр нест,
Мардум ҳама шиновару танҳо манам ғариқ.

Дастам бигиру бош, рафиқо, ба ман шафиқ,
Муҳтоҷи дастгирии ту гаштам, эй рафиқ!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мо на инему на онему на онему на ин,
Як ҷигарсӯхта абрему хазонему ҳазин.

Дер кардем, ки аз дертаринҳо ҳам дер,
На ба дунё гаравидем ба сидқу на ба дин.

Ғофил аз он ки ҷаҳон чист? Чаро омадаем?
Кафи дасти ману ту такянигаҳдори ҷабин.

Кистам? Кист ҷуз ин фаҳм кунад қисмати ман?
Як зи нопокватан омада нопоктарин.

Ҳеҷ фикри ману ӯ рост ба ҳам н-омадааст,
Ман ба чӣ фикраму дар фикри чӣ ин чархи барин.

Ҳеҷ донӣ ту, ки вазъияту ҳоле, ки мараст,
На замон аст аз ин ҳол ризову на замин.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мон, ки хуб сабза дамонад суманак,
Мон, ки хуб шира давонад суманак.

Мон, ки дар рӯи тафи лахчаалов
Сӯхтан чист, бидонад суманак.

Сурх гардида чу рухсори арӯс,
Аз даҳан об равонад суманак.

Ҳар касе коса надорад, биравад,
Дар табақ зуд бимонад суманак.

Маззаи кишти баҳорӣ ҳар сол
Пеш аз вақт чашонад суманак.

Ҳосил имсол шавад бобаракат,
Ба ҳама мужда расонад суманак.

Мешавад садқаҳакаш Хайрандеш,
Ҳар касе пухта тавонад суманак.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Гул ба рӯт механдад, сарвинози гулпӯшам,
Рӯ ба рӯт механдам, о, даро дар оғӯшам.

Рӯзу шаб ба ёди ту дида мекунам гулгун,
Гулъузори бепарво, кардаӣ фаромӯшам.

Меравам ман аз дунё, лек то абад монад
Меҳри ёр дар ҷонам, ҳарфи ёр дар гӯшам.

Гулъузори фархорӣ, майли суҳбатам дорӣ,
Бо ту чун кунам суҳбат, ман, ки масту мадҳушам?!

Масти шоири дилреш, масти шеъри Хайрандеш,
Масти он паридарвеш, масти тоқи абрӯшам.

Масти ҳусни маҳтобам, масти бодаи нобам,
Масти мири Кӯлобам, масти Шоҳи Хомӯшам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шамъи рӯят хира гашту ман ҳамон парвонаам,
Ин ҳақиқатро ба олам паҳн кард афсонаам.

То мабодо шаҳрро бо як нафас оташ занад,
Ҳушёрӣ дорам имшаб аз дили девонаам.

Пеш аз ин майхонаро безор мекардам зи худ,
Ҳолиё, эй дӯстон, безор аз майхонаам.

Кишти худро обёрӣ мекунам бо оби рӯ,
Дар замини хоксорӣ то бисабзад донаам.

Гоҳ ашку гоҳ рашку гоҳ ҷабру гоҳ сабр,
Будааст инҳо ҳама дар қисмати пешонаам.

Васли Хайрандеш меҷустам, ки Хайрандеш гуфт:
«Ман ба хешон хешу бо бегонагон бегонаам».

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Тарки ёрӣ кард он кас, ки сари ёрӣ надошт,
Дар дилу дунёи ман савдои бозорӣ надошт.

Моли беҳтар нест дар бозори савдогарзанак,
Таҳ ба таҳ дидам, ягон колои даркорӣ надошт.

Ёди айёме, ки меафтодаму мехестам,
Дар хаёлам зиндагонӣ ҳеҷ душворӣ надошт.

Ман чӣ созам бо дили дардошноям, эй табиб,
Аз азал девонае буд, ҳеҷ ҳушёрӣ надошт.

Завқу майлу рағбатам бо ӯ агарчи буд беш,
Меҳр бар ман он бути зебои фархорӣ надошт.

Ғайбати бисёр Хайрандешро карданд дӯш,
Барфу борон зад ба деворе, ки сархорӣ надошт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй арӯси нозанин, боғат муаттар мешавад,
Дар шаби тӯят сухан гӯям, дилам тар мешавад.

Мон қадам дар шоҳроҳи зиндагонӣ устувор,
Зиндагонии хақиқӣ баъд аз ин сар мешавад.

Ёр акнун мерасад бар васли ёри маҳҷабин,
Об акнун бо лаби дарё баробар мешавад.

Шод бош, обод бош, эй навшаҳи толеъбаланд,
Нозанин акнун ба дастат нозанинтар мешавад.

Навҷавони нозпарвар мешавад рӯзе падар,
Наварӯси нозанин як рӯз модар мешавад.

Пой мекӯбему мечархем бо савти «Фалак»
Имшаб аз базми замин гӯши фалак кар мешавад.

Гуфт Хайрандеш: Андар зиндагӣ ин оила
Соҳиби фарзандҳову хонаву дар мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Зардушти фалаксайри шабистоншикани субҳ,
Нуронии шайдои ба тан пираҳани субҳ.

Мон, ҷилва кунад дар нигаҳи мардуми ошиқ,
Мон, бӯса занад аз лабу рӯю даҳани субҳ.

Бо дасту дили пок биёед, биёед,
Эй марду зани субҳ, ба хоки ватани субҳ.

Кабки саҳарӣ қақба занад дар камари кӯҳ,
Товуси сухан ҷилва кунад дар чамани субҳ.

Ҷуз субҳ набинем, нахонем, нагӯем,
Ин ҷо гапи субҳ аст, биёвар сухани субҳ.

Гуфтам ғазали субҳ, ки субҳона бихонед
Дар маҷлису дар маҳфилу дар анҷумани субҳ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Гардиши чархи фалак, оваҳ, харобам мекунад,
Паҳлуи дигар намегардам, ки бобам мекунад.

Гарчи дорам ранҷҳо аз дардҳои зиндагӣ,
Дардҳои зиндагӣ ҳозирҷавобам мекунад.

Хуни ноҳақ чанд мерезад, дигар тоқат намонд,
Мавҷи хун даъват ба сӯи инқилобам мекунад.

Пири гардун оқибат мебахшадам ратли гарон,
Соқии сармаст дар базми шаробам мекунад.

Як агар бахшӣ, Худои меҳрубон сад бахшадат,
Комбахшиҳоям охир комёбам мекунад.

Хон ғазал, оғои Хайрандеш, то роҳат кунам,
Маънию лутфи ғазалҳои ту обам мекунад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Эй арӯси нозанин, эй ғунчаи боғи падар,
Дар бари домод ширин менамоӣ ин қадар?!

Чун шумо хушбахт имшаб дар ҷаҳон ҷуфте куҷост?!
Тоза чун оинаву покиза чун субҳи саҳар.

Ҳуснатон аз илму фазлу ҳарфатон аз лутфу меҳр,
Бахтатон аз ишқу сидқу тахтатон аз симу зар.

Эй шакардомод, ширин аст бо ӯ зиндагӣ,
Бош доим аз арӯси нозанинат бохабар.

Эй Худо, навхонадоронро ба ҳам кун қӯшапир,
Баъд аз ин бо ҳам биёмезанд чун ширу шакар.

Чор пиру чор тадбир аз шумо бошад ризо,
Нахли боғи умратон сарсабз боду пурсамар!

Гуфт Хайрандеш: Андар зиндагӣ ин оила
Бод равшанбахту равшанхона чун шамсу қамар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Нишот аз шодии ёрони ҷонӣ дидаму дидам,
Рухи ёрони ҷонӣ арғавонӣ дидаму дидам.

Ҷамоли марду зан равшан, ҷаҳон дар чашми ман равшан,
Зиёию зиёро ҷовидонӣ дидаму дидам.

Чароғ ороиши ҳусни заминро осмонгун кард,
Ҷаҳонро дар либоси ориёнӣ дидаму дидам.

Фараҳмандӣ куну шодию хушҳолию хурсандӣ,
Ҳузури зиндагӣ дар шодмонӣ дидаму дидам.

Ман аз номеҳрубониҳои гардун кай кунам парво,
Ки дар ҳар як қадам номеҳрубонӣ дидаму дидам.

Азизон, лаззати умру ҳаловатҳои дунёро
Дар оромию тинҷию амонӣ дидаму дидам.

Ватан аз гӯшаи имон, Ватан ҷон аст, Хайрандеш,
Чӣ ширин дар Ватан ман зиндагонӣ дидаму дидам.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ҳар қадар фикр кунӣ, кори ҷаҳон бисёр аст,
Баду неке, ки зи сар мегузарад, даркор аст.

Дар сухан ой, ки мардум ҳама ҷо хомӯшанд,
Бош хомӯш, халоиқ ҳама дар гуфтор аст.

Ҳар чӣ душвор ба даст омад агар, осон шуд,
Ҳар чӣ осон бирасад, оқибаташ душвор аст.

Офарин бод бар он марди Худодод, ки ӯ
Шӯх чун Саъдию монанди Самак айёр аст.

Мисли ӯ ҳеҷ дигар мард наёмад ба ҷаҳон,
Чашми мардони ҷаҳон дар раҳи Рустам чор аст.

Чоҳи беҳуда накан рӯи раҳи Хайрандеш,
Дон, ки ҳам зираку ҳам оқилу ҳам ҳушёр аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй Худойи зулҷалол, эй Холиқи Парвардигор,
Ломакону безавол, эй Холиқи Парвардигор.

Соҳиби хуршеду моҳу соҳиби арзу само,
Соҳиби ҷоҳу ҷалол, эй Холиқи Парвардигор.

Маст ҷон аз хамри ту, кавну макон дар амри ту,
Дар ду олам бемисол, эй Холиқи Парвардигор.

Пок кун доғи сиёҳу лутф кун сулҳу салоҳ,
Нест кун ҷангу ҷидол, эй Холиқи Парвардигор.

Бе ту меҷӯям саробу бо ту меҷӯям савоб,
Бо ту меёбам камол, эй Холиқи Парвардигор.

Ҷон ба ту дорад ниёзу сар ба ту орад намоз,
Дил ба ту доим кашол, эй Холиқи Парвардигор.

Бахш Хайрандешро, ин шоири дилрешро
Луқмаи поку ҳалол, эй Холиқи Парвардигор.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Худоё, оҳу сӯзам бахшу дардам бахшу обам кун,
Бидеҳ табъи баландам, шоири оличанобам кун.

Масал бо шеър мегӯям, ғазал бо меҳр меҷӯям,
Кабобам кун, харобам кун, вале шоир ҳисобам кун.

Ба ман ағёр механдад, ки аз ман ёр меранҷад,
Касе хандад, касе ранҷад, ту рӯдори савобам кун.

Намон як қатра ғам зам дар дилам гардад, дар ин дарё
Ҳубобам кун, ҳубобам кун, ҳубобам кун, ҳубобам кун.

Расон бар гӯши хок аз файзи гулбонги фалаксайрам,
Рубобам кун, рубобам кун, рубобам кун,рубобам кун.

Каромат кун, ки бетобам, ба чашми кас наметобам,
Маро худ офаридӣ зарра, акнун офтобам кун.

Худоё, гоҳ бедорам, гаҳе хобам, чӣ ҳол аст ин?
Ту Хайрандеш бедору ту Хайрандеш хобам кун.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳақ Худо бошад агар, бояд ба ҳақ бовар кунем,
Халқро Ҳақҷӯву Ҳақпайванду Ҳақпарвар кунем.

Кинаро аз сина берун афканем, одам шавем,
Синаи бекинаро зеби сари минбар кунем.

Порсо бошему ирфонпарвару бомаърифат,
Аз Худо ёд оваремy ёди пайғамбар кунем.

Ишқ бошад дар дили ёрону имон дар амон,
Умр ширин аст, онро боз ширинтар кунем.

Эй хуш он умре, ки дар айши қаноат бигзарад,
Кай назар бар ҳишмату бар ҷоҳи Искандар кунем.

Тар кунад дилҳои ёрон аз ғазал, аз шеъри тар,
Ҳалқи Хайрандешро аз оби Кавсар тар кунем.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Хайри Худо, Худо бигӯ, бе хиради Худо машав,
Пушти дари Худо бишав, пушти дари гадо машав.

Рӯ ба раҳи хирад бирав, хоса Худо барад, бирав,
Бандаи бохирад бишав, з-аҳли хирад ҷудо машав.

Ҷурми ту ҳаст беҳисоб, фаҳмишу донишат хароб,
Аз раҳи фитна рӯ битоб, дар хатару бало машав.

Чанд кунӣ ту ман-манӣ, нестӣ аз хирад ғанӣ,
Беҳуда ҷон чӣ меканӣ, саркашу беибо машав.

Хез, ба роҳи рост рав, рост бигӯву ҳақ шунав,
Рост биёр нав ба нав, рост бишав, хато машав.

Дар сари нанг сар супор, фитна ба фитнагар супор,
Ҳамраҳи аҳли дил бишав, ҳамраҳи фитнаҳо машав.

Хайри Худо, баҳори дил хандад аз обшори дил,
Тоза шавад ғубори дил, дур зи базми мо машав.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Аз ҳама ганҷи ҷаҳон болост Қуръони шариф,
Беҳтарин ганҷинаи дунёст Қуръони шариф.

Дидаҳоро нур бахшад, синаҳоро равшанӣ,
Рӯшноибахшу рӯҳафзост Қуръони шариф.

Нур мерезад зи рӯи марди Қуръонхон мудом,
Поку беолоишу зебост Қуръони шариф.

Сураи Қуръон муқаддас, ояти Қуръон азиз,
Раҳкушову раҳнамои мост Қуръони шариф.

Як қалам, як дил, як имон, як тариқат, як забон,
Як Худои меҳрубон, яктост Қуръони шариф.

Мужда, эй Ҳофиз, ки Хайрандеш қуръонхон шудаст,
Мебарад моро ба роҳи рост Қуръони шариф.

***Соли 2010***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Бимон маро, ту бимон, қарзи худ адо кунамо,
Мабар маро, ту мабар, саҷда бар Худо кунамо.

Бидеҳ ту роҳ нишонам, ки то ба сар давамо,
Бигир дасти маро, то туро дуо кунамо.

Ба гӯши одаму олам садо бикун, эй дӯст,
Агар садо накунӣ, мон, ки ман садо кунамо.

Атову лутфи Худо беш аз гуноҳи ман аст,
Равам ба роҳи Худо, бок не, хато кунамо.

Қадам ба роҳи шариат намонам ар, эй ҷон,
Туро барам ба куҷо, хешро куҷо кунамо?

Худо як асту шариат ҳақ аст, Хайрандеш,
Ҳазор саҷда ба даргоҳи Мустафо кунамо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ман душманӣ ба марди мусулмон намекунам,
Ман дӯстӣ ба мардуми шайтон намекунам.

Аз дӯст пеши халқ шикоят намебаранд,
Ёрон маро кушанд ҳам, афғон намекунам.

То сарватам ғам аст, бадавлат намешавам,
То давлатам кам аст, кам исён намекунам.

Дигар гуноҳи хеш намепӯшам аз рақиб,
Дигар савоби хеш намоён намекунам.

Шайтон, паи фирефтани Хайридин маё,
Ман тарки ишқу иффату имон намекунам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ин чӣ даврест, ки дар чархи фалак мебинам,
Осмон кунфаякун то ба Самак мебинам.

Ҳар куҷо мегузарам, васвасае, валвалае,
Ҳар куҷо менигарам, кӯрнамак мебинам.

Ишқ шуд хору ҳавас мурду ҳаё рафт ба бод,
Лофи полез мазан, лош палак мебинам.

Махзану мансабу минбар ҳама дар дасти рақиб,
Дӯстонро ҳама дар шубҳаву шак мебинам.

Маътали лутфи Худоянд магасмардумакон,
Домҳо дар қафаси тортанак мебинам.

Аз ҳаво шамшамаи мӯру малах мерезад,
Кай дигар шаъшаъаи ҳуру малак мебинам?

Эй Худо, хусрав агар лутф ба шоир накунад,
Ошиқонро ҳама дар чашми ту як мебинам.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Кори дунё рафта-рафта-рафта осон мешавад,
Рафта-рафта номусулмон ҳам мусулмон мешавад.

Подшоҳони ҷаҳон адлу адолат гар кунанд,
Ризқи мову рӯзии онҳо фаровон мешавад.

То нафас дар рафтуо бошад, умеди зиндагист,
Мӯр ҳам аз рафтуо хеши Сулаймон мешавад.

Обунондорат Худо кард, обу нон деҳ халқро,
Обрӯи одамӣ аз обу аз нон мешавад.

Марди некӯкор ҳар ҷо мешавад бологузар,
Ҳар кӣ кори бад кунад, охир пушаймон мешавад.

Худнамоиҳо нишони давлату дорандагист,
Пул набошад, одам аз ҳамсоя пинҳон мешавад.

Ҳар кучо шӯхеву шайтонест, дорад эътибор,
Оҳ, Хайрандеши мо ҳам шӯху шайтон мешавад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Рӯи дунё пур зи пайвандону ёрони ман аст,
Беҳтарин ёрон вале дар хоки Эрони ман аст.

Пири ман Ҳофиз, гувоҳам Ҳазрати Парвардигор,
Ишқи Эрон дар забону дар дилу ҷони ман аст.

Худ ба худ месӯзамаш, меноламаш, мегирямаш,
Сабз марзи Ориён аз файзи борони ман аст.

Ташна мондам, гушна мондам, обу нонам кас надод,
Зинда мондам, сад хиёбон дар биёбони ман аст.

Зиндагӣ хурмои ширин буд, шуд бодоми талх,
Чормағзи бандагӣ дар зери дандони ман аст.

Ҳушу ёди ман фақат банд аст бар Парвардигор,
Бандаам, озодие дорам, ки Қуръони ман аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Ҳар субҳ баланд ояд шеъри шафақи Машҳад,
Ҳар шеър муносиб нест андар варақи Машҳад.

Фирдавсию Аттору Хайём дар ин марз аст,
Эй марди сухан, омӯз аввал сабақи Машҳад.

Баргаштани мо мушкил, фардо ту, ки боз оӣ,
Хун гиря макун, хуршед, андар фалақи Машҳад.

Шаб мегузарад, Машҳад бенур намемонад,
Гул дар табақи Машҳад, равшан рамақи Машҳад.

Зулмотнишин об аст, эй Хизр, чӣ мечӯиш?
Худ шеъри сафед ояд аз ҳар шабақи Машҳад.

Сомонию сосонӣ раҳ бурд ба осонӣ,
То ҳаст хуросонӣ халқу халақи Машҳад.

Оғояки Хайрандеш, беҳуда макун дил реш,
Нӯшоба нагардад шаҳд, эй ҷон, ба ҳақи Машҳад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Худоё, деҳ ба ман тобу таби Эмоми Аъзамро,
Ки омӯзам китобу мактаби Эмоми Аъзамро.

Ҷаҳон мадҳуши муслимҳо, расон бар гӯши муслимҳо
Хату фатвову «Ё Раб – Ё Раб»-и Эмоми Аъзамро.

Замину осмон равшан, дили халқи ҷаҳон равшан,
Фурӯзонтар бигардон кавкаби Эмоми Аъзамро.

Агар аз файзи рӯзаш баҳравар гардем, хушбахтем,
Ба мо деҳ лаззати як дам шаби Эмоми Аъзамро.

Шариат мешавад марғуб, шароит мешавад матлуб,
Ҷаҳон фаҳмад ба шарте матлаби Эмоми Аъзамро.

На шоҳаншоҳу не ҳоҷӣ, на Мавлонову не мулло
Надорад кас ба дунё мансаби Эмоми Аъзамро.

Надорад қасру молу давлати дунё, вале дорост,
Ки Хайрандеш дорад мазҳаби Эмоми Аъзамро.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шамъ дар шабистонам, Ҳазрати Амирҷонам,
Подшоҳу султонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Ман, ки гӯлу гумроҳам, дил ба ёди Аллоҳам,
Бош ту нигаҳбонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Дил зи хамри ту махмур, ҷон ба ҷони ту масрур,
Қуввати дилу ҷонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Омадам ба ин даргоҳ, ло илоҳа иллаллоҳ,
Муъмину мусулмонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Ҷони ман ҳалокат бод, поктар ба хокат бод
Хоки поки Хатлонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Дур аз канорат ман, аз бари мазорат ман
Як қадам намемонам, Ҳазрати Амирҷонам.

Бе ту ҷону дил шуд реш, раҳм кун ба Хайрандеш,
Дилкашолу пазмонам, Ҳазрати Амирҷонам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй мири мири мирон, ҷон масти хоки кӯят,
Эй пири пири пирон, ман зиндаам ба бӯят.

Аз остони Хатлон то хокдони Эрон,
Аҳли тавофу имон сармаст аз сабӯят.

Дар хобу дар хаёлам ҷӯёи он ҷамолам,
Ман ташнаи висолам, боре намой рӯят.

Моем дар паноҳат, дорад Худо нигоҳат,
Эй нуриҲақ ба роҳат, эй майли мо ба сӯят.

Ҳон, эй Алии Сонӣ, эй Мири Ҳаммадонӣ,
Эй олами маонӣ, олам дар орзуят.

Гирад сабақ каму беш, бегона мешавад хеш,
Аз ӯст, Хайрандеш, иқболу обрӯят.

*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шаб хоб дидам селаи гунҷишкаки паркандаро,
Якбора карданд он ҳама дунболагирӣ бандаро.

Ман лек шаҳпар доштам, худро яке бардоштам
В-андар замин бигзоштам он селаи шармандаро.

Ҳон, эй Худои зулҷалол, Парвардигори лоязол,
Имрӯз торик аст бас, равшан бикун ояндаро.

Давлат мадеҳ бар кӯрҳо, оҷиз магардон зӯрҳо,
Аз мо бубар бар дурҳо ин рӯзҳои гандаро.

***Соли 1991***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Аё замонаи ҷангу ҷидолу ҷаҳду фасод!
Бирав, ки бар падарат сад ҳазор лаънат бод!

Куҳандиёри маро доманест олуда,
Куҷост домани кӯҳе, ки ман кашам фарёд?

Дареғ мехурам аз ин замонаи ноаҳл,
Дареғ мехурам аз ин ҷаҳони сустниҳод!

Дигар чӣ ҷои шунидан, дигар чӣ ҷои сухан,
Ки радди маърака ҳам маърака кунад обод!

Куҷост миллату мазҳаб? Куҷост аслу насаб?!
На монда тоҷи каёнӣ, на монда тахти Қубод!

Куҷост қувваи бозу? Куҷост қудрати ишқ?
На монда гурзи Таҳамтан, на тешаи Фарҳод!

Баҳуш бошу биё, шав хамӯш, Хайрандеш,
На монда қимати шоир, на қадри истеъдод!

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй яккаву якдона, Исмоили Сомонӣ,
Шоҳаншаҳи фарзона, Исмоили Сомонӣ.

Асри ту тилоӣ буд, қасри ту тилоӣ буд,
Эй олами афсона, Исмоили Сомонӣ.

Эй асли ту асли мо, эй насли ту насли мо,
Эй монда ба бегона, Исмоили Сомонӣ.

Шуд кавну макон вайрон, шуд давру замон вайрон,
Эй ганҷ ба вайрона, Исмоили Сомонӣ.

Бадхоҳи ту вожун аст, номи ту ҳумоюн аст
Дар масҷиду майхона, Исмоили Сомонӣ.

Нури ту ҳувайдо шуд, хуршеди ту пайдо шуд,
Шукронаву шукрона, Исмоили Сомонӣ.

Бе ту сари Хайрандеш, пову пари Хайрандеш
Дар кундаву завлона, Исмоили Сомонӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Шоирам, шоир, забони ман забони миллат аст.
Ман барои миллату миллат бароям қимат аст.

Шоирам, шоир, забони ман забони зиндагист,
Иллати миллат бувад, гар дар забонам иллат аст.

Шом меафтад бар он қавме, ки хомӯш асту хом,
Субҳ он ҷо медамад, дар ҳар куҷое суҳбат аст.

Чист шеъру кист шоир? Ҳар кӣ мепурсад, бигӯ:
Шеър давлат ҳасту шоир марди соҳибдавлат аст.

Як тараф булбул ба чаҳ-чаҳ, як тараф оҳу ба тоз,
Боғи шеъру шоирӣ хушсабзаву хушнакҳат аст.

Эй ки сангам мезанӣ, охир ба чангам мезанӣ,
Ҳеҷ медонӣ, ки гуфтанд: осиё бо навбат аст.

Ҳар кӣ шоир ҳаст, дар гирдаш ҳазорон дому чоҳ,
Ҳар кӣ Хайрандеш бошад, дар қафояш ғайбат аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Меҳри шеъру шоирӣ дар синаи мо ҷо шавад,
Шеъри мо ҳам кош мисли шеъри Мавлоно шавад.

Аз парешонӣ чӣ ҳосил, аз пушаймонӣ чӣ суд?
Мӯлиёну Оби Рукнобод як дарё шавад.

Бӯи дӯзах дорад он ҷо, ки надорад бӯи шеър,
Ҳар куҷо шеър аст, он ҷо ҷаннатулмаъво шавад.

Ҳар кӣ донад қадри шоир, қадри ӯ донад Худо,
Ҳар кӣ қадри шеър донад, қадрдони мо шавад.

Шеър ҳам дорад намак, моро маранҷон, эй амак,
Ҳар кӣ қадри мо надонад, оқибат расво шавад.

Аблаҳонро гир, эй хоку бузургонро бидеҳ,
Қадри шоир, қадри дин, қадри сухан боло шавад.

Оҳ, Хайрандеш, як шаб кош дар базми ғазал
Рӯдакӣ бо чангу уду барбаташ пайдо шавад.

***Соли 1990***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй Ҳилолӣ, ёри ман ҳам тарки ёрӣ мекунад,
Дасти ёрӣ деҳ, ки бар ман душворӣ мекунад.

Зӯри бозуят куҷо шуд, нангу номусат куҷост?
Хез, Рустам, Рахшро мардум саворӣ мекунад.

Дар бағал Сино, табиб аз Ғарб меҷӯяд агар,
Шарқро гӯ: То абад бемордорӣ мекунад.

Ӯ ба базми мо намеояд, магӯ ҳарфе дигар,
Ё ки одам нест, ё ки хоксорӣ мекунад.

Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност,
Ховалингӣ бӯи ғармию ҳисорӣ мекунад.

Дилсиёҳони ҷаҳон моро сияҳдил кардаанд,
Аҳриман бо хуну мағзи мо наҳорӣ мекунад.

Ёр, наздаш рав, табассум ҳадя бинмо, бӯса деҳ,
Чашми Хайрандешро бингар, ки зорӣ мекунад.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Ҳофизу Саъдию Бедил, Рӯдакию Мавлавӣ
Кош ҷамъ оянд гирди суфраи солинавӣ.

Базми ҷамшедӣ биёрояндy дил созанд об
Бо дубайтӣ, бо рубоӣ, бо ғазал, бо маснавӣ.

Рӯдакӣ аз пирияш дигар шикоят кай кунад,
Пандҳо гӯяд, ки гардад орифонро дил қавӣ.

Мавлавӣ бигзор садри базму назми мо шавад,
Чунки кард эҷод Қуръон бо забони паҳлавӣ.

Вақти покӯбию дастафшонии Ҳофиз ба шавқ
Ҳазли ширин аз лабони шайх Саъдӣ бишнавӣ.

Хешро Бедил кушояд байт-байту банд-банд,
Завқ бошад базми моро бо ҷаҳони маънавӣ.

Кош Хайрандеш ҳам хонад ғазал, гӯшаш кунанд
Ҳофизу Саъдию Бедил, Рӯдакию Мавлавӣ.

***Соли 1990***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Пандат саропо дур, дуруд, устод Рӯдакӣ,
Пандофтоби Панҷрӯд, устод Рӯдакӣ.

Савту мақомат ҷонфазо дар базми хусравон
Бо барбату бо чангу уд, устод Рӯдакӣ.

Ҷовид бод ҳикматат, додӣ ба миллатат
Радномаи шеъру суруд, устод Рӯдакӣ.

Равшан баҳору боғи ӯ, равшан чароғи ӯ,
Боғу баҳору гул сутуд устод Рӯдакӣ.

Ганҷи сухан арзиш гирифт, арбоб дар шигифт,
Қадри зари ҳикмат фузуд устод Рӯдакӣ.

Равшан ҷамоли Рӯдакӣ аз офтоби фазл,
Зулму ғаму зулмат зудуд, устод Рӯдакӣ.

Шеърат мунаввар сарбасар аз Ишқу аз Хирад,
Эй ишқу фазлат беҳудуд, устод Рӯдакӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳар кӣ Фирдавсӣ бихонад, нек бошад, хоҳ зишт,
Сайр хоҳад кард рӯҳи ӯ ба Фирдавси биҳишт.

Дар диёри мо зи чашми эътибор афтодаанд
Каъбаву бутхонаву дайру калисову куништ.

Дар Бухоро кохҳо сар бар фалак афрохтанд,
Дар Душанбе бар сари хушкам занад борони хишт.

Дар хиҷолат монд бояд оташу оинаро,
Пок бояд дошт ишқу иффату ному сиришт.

Шиква аз бобои деҳқон дорам, эй олампаноҳ,
Дар дили тоҷик, вовайло, ки тухми кина кишт.

Ҷамъ бояд кард аҳли байти Хайрандешро,
К-имшаб аз дарду алам назми парешон менавишт.

***Соли 1992***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ҳарфе мазан аз шӯрии пешонии тоҷик,
Воқиф наӣ аз рози парешонии тоҷик.

Тоҷик пароканда аз он аст ба дунё,
То паҳн шавад хилқати раҳмонии тоҷик.

Овоз бароред, чӣ хомӯшу қароред,
Афғонию тӯронию эронии тоҷик?

Қавмест ба Амрик, гурӯҳест ба Гирмон,
Исроилу Чин ҷои ғазалхонии тоҷик.

То меҳр нагардад каму шодӣ нашавад ғам,
Тоҷик, биё, зуд ба меҳмонии тоҷик.

Сармастият аз накҳати Ваҳдат ба машом аст,
Эй ворисӣ Исмоили Сомонии тоҷик.

Ман Хайридинам, шоири хушбахттаринам,
Дорам ғазали сабки хуросонии тоҷик.

*Соли 1993*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Хоҳам, ки ҷуз осудагию ханда набошад,
Ҷамъийяти тоҷик пароканда набошад.

Хоҳам, ки набошад ба Ватан ҳилаву найранг,
Нокас ба касе, кас ба касе банда набошад.

Онро, ки набошад хираду илму адолат,
Дар маҷлиси олӣ намоянда набошад.

Тӯтӣ чӣ шакархост ба минқори саломат,
Товус чӣ зебост, чу парканда набошад.

Андешаи ҳар кас, ки бувад хайр ба олам,
Бо мост, агар тахти дилаш ганда набошад.

Эй дӯст, агар омадаӣ аз раҳи ёрӣ,
Эй пои ту аз кишвари мо канда набошад.

***Соли 1994***

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Сӣ сол пур аз омил, сӣ сол пур аз омол,
Сӣ аср баробар нест зинҳор ба ин сӣ сол.

Сӣ сол таҳаммул буд, сӣ сол таҷаммул буд,
Сӣ сол набуд ошӯб, сӣ сол набуд ҷанҷол.

Сӣ сол, ки Ваҳдат буд, Ваҳдат гули давлат буд,
Сӣ сол Ватан гул кард аз накҳати Истиқлол.

Будем ҳама оқил, будем ҳама оҷил,
Будем ҳама фоил, будем ҳама фаъъол.

Тоҷик ба шаб маҳ ёфт, тоҷик шаҳаншаҳ ёфт,
Эмомалии Раҳмон – ганҷинаи беамсол.

Дар ҳошияи таърих бо оби тило сабт аст
Иҷлосияи қисмат, Иҷлосияи иқбол.

З-ин қисмату з-ин иқбол кун тантана, Хайрандеш,
Парвози ту то бошад парвози мутантанбол.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Тоҷикистонро чу Мисру Чину Руму Рай кунем,
Ёд аз Ҷамшеду Ковусу Қубоду Кай кунем.

Асрҳое аз ҷудоиҳо шикоят кардаем,
Шарқро даъват ба Ваҳдат аз тилисми най кунем.

Олами фонӣ намеарзад барои душманӣ,
Душманӣ ҳар кас кунад, мо дӯстӣ бо вай кунем.

Мо мувофиқ дӯст меҷӯем дар серӯза умр,
Ошноӣ бо мунофиқмардумон то кай кунем?

Ишқ агар яздонӣ ояд, Яздгирдафкан шавем,
Май агар ирфонӣ ояд, кӯзаҳо пурмай кунем.

Сер аз дидори ҳам гардему аз гуфтори ҳам,
Маҳфилу базму зиёфатҳои пайдарпай кунем.

Муждаи форам расид аз форуми байналмилал,
Шайхи Хайрандешро Шамсулҳақи Шанхай кунем.

*Соли 1999*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Аз ин дашти ҷунун хандида рафтӣ,
Аз ин хунозмун хандида рафтӣ.

Ду рухсор арғувон, сад доғ дар дил,
Зи дунё лолагун хандида рафтӣ.

Забондон будию зеби замона,
Вале зору забун хандида рафтӣ.

Шукӯҳу шаҳсутун будӣ ба Кӯлоб,
Чу кӯҳи Бесутун хандида рафтӣ.

Замину осмон мегиряд имрӯз,
Бигӯ, шоир, ту чун хандида рафтӣ?

Вализода магар кардат ишорат,
К-аз ин дунёи дун хандида рафтӣ?

Чу Хайрандеш олам хун бигиряд,
Ту, эй устод, хун хандида рафтӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Об шуд қанди даҳонам аз наботи «Шашмақом»,
Бахшадам умри абад оби ҳаёти «Шашмақом».

«Шашмақом» аст эътимоду эътирофу эътибор,
Эй наҷоти миллати тоҷик наҷоти «Шашмақом».

Миллати соҳибхирад андар фазои табъу зеҳн
Умрҳо парвоз дорад бо қаноти «Шашмақом».

Сайр бояд кард равшан, то ба фаҳми он расӣ
Дар Бухорову Самарқанду Ҳироти «Шашмақом».

Хайрандешо, ту дар ҳар савти он андеша кун,
Мушкил осон мешавад аз мушкилоти «Шашмақом».

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Дошт наботу ангубин
Тори Ака Шарифи мо,
Ҳасрату дарди ону ин
Бори Ака Шарифи мо.

Савти дутори ӯ дигар,
Нолаи зори ӯ дигар,
Ними ҷаҳон буданд зор
Зори Ака Шарифи мо.

Поку накӯсиришт буд,
Нағмаи ӯ биҳишт буд.
Дошт мудом эътибор
Кори Ака Шарифи мо.

Бори дигар ба ҳурматаш,
Боди баҳори санъаташ,
Нек нигар, ки гул будаст
Хори Ака Шарифи мо.

Аз Камароб анор рафт,
«Гулсуман»-у баҳор рафт,
Бош, Худои меҳрубон,
Ёри Ака Шарифи мо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Аз пеши назар чашми нами Одина Ҳошим
Ҳаргиз наравад, во алами Одина Ҳошим.

Кофарфалаки маст куҷо буд хабардор
Аз оҳи дили дамбадами Одина Ҳошим?!

Олам ҳама буд волаи ӯ, нола кун, эй най,
Одам ҳама доғ аз адами Одина Ҳошим.

Миллат варам оварду дар ин хок нагунҷид,
З-он буд варамтар варами Одина Ҳошим.

То хор накарданд суханрову ғазалро
Кай дид фалак пушти хами Одина Ҳошим?!

Дигар ту маҷӯ марди ғазалхону фалаксайр,
Бас, бас, ки дигар буд ҳашами Одина Ҳошим.

Оҳуи ғазалро бирамондем, Худоё,
Убол буд, эй халқ, рами Одина Ҳошим.

Тоҷик агарчанд ки дорад ғами бисёр,
Талх асту ҷигарсӯз ғами Одина Ҳошим.

*Соли 1993*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Барқ омаду раъд омад овози Зафар Нозим,
Анҷом надорад ҳеҷ оғози Зафар Нозим.

Начвои дигар дорад, мачрои дигар дорад
Ҳам сӯзи Зафар Нозим, ҳам сози Зафар Нозим.

Гунҷишкаку ҷӯликак, кавгак ҳама дар парвоз,
Як умр уқобӣ буд парвози Зафар Нозим.

Сад оина, сад оин, дар ҳар ғазалаш озин,
Дар базми шаҳон шоҳин шаҳбози Зафар Нозим.

Ҳар базм ба ҳар маҳфил таъсир кунад бар дил,
Таъсир ба ҷон дорад алфози Зафар Нозим.

Дар авҷи баландаш бин сад муъҷиза, Хайрандеш,
Оҷиз накунад фаҳми эъҷози Зафар Нозим.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Дилам чун доғ месӯзад ба ёди Абдуло Назрӣ,
Ки поку нарму равшан буд ниҳоди Абдуло Назрӣ.

Ба пиндору ба гуфтору ба рафтораш балад будем,
Муҳаббат буд, садоқат буд билоди Абдуло Назрӣ.

Аҷаб мерос доранд аз падар Исмоилу Давлат,
Ки буд ҳамроҳи фарзандон ситоди Абдуло Назрӣ.

Ҷавонон ғофиланд аксар зи илми шеъру мусиқӣ,
Бувад ибрат ба навроҳон саводи Абдуло Назрӣ.

Илоҳӣ Тоҷикистон ҷовидон андар амон бошад,
Ки тинҷию амонӣ буд муроди Абдуло Назрӣ.

Ту тоҷикона ёдаш кун, ки дар Дарвоз, Хайрандеш,
Ба миллат буд маҳкам эътиқоди Абдуло Назрӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Шоирам, як хеши дури дури дури Ҷӯрабек,
Ҷони ман маст аст имрӯз аз ҳузури Ҷӯрабек.

Меҳри ёрон, меҳри мардум, меҳри мо гунҷидааст
Дар дили софу сафеди чун булӯри Ҷӯрабек.

Мешавад меҳрам баланду мешавад шеърам баланд,
Шеър гар гӯям баробар бо шуури Ҷӯрабек.

Офтобаш боз аз нав шуд ҳувайдо, эй Ватан,
Заҳрро позаҳр мегардад зуҳури Ҷӯрабек.

Ҷон ҳаловат кай барад аз миллати хому хатал,
Бояд онро пухт аз нав дар танӯри Ҷӯрабек.

Дорад ӯ дар як табассум сад ҳазорон офтоб,
Осмонҳо мешавад равшан ба нури Ҷӯрабек.

Ҷӯрҳо ноҷӯр мегардашду Хайрандеш гуфт:
Ҷӯр мемонад вале як умр ҷӯри Ҷӯрабек.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***

Бин тантанаи чаноби Гурминҷ,
Тору ғиҷаку рубоби Гурминҷ.

Зан доира, то васеъ гардад
Зардавраи инқилоби Гурминҷ.

Як умр дар осмони санъат
Парвоз кунад уқоби Гурминҷ.

Ҷамъоварии рубобу асбоб
Буд шоҳамали савоби Гурминҷ.

Шуд хонаи ӯ нишотхона,
Бин заҳмати беҳисоби Гурминҷ.

Тоҷик ҳақиру бенаво нест,
Як хона наво ҷавоби Гурминҷ.

Бедор шудем, Хайрандеш,
Аз шуълаи офтоби Гурминҷ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Москва шаҳри базебу дилкашу ноёб ҳаст,
Шаҳри айшу нӯшу рақсу валсу хӯрду хоб ҳаст.

Москва дорад Кремлу коххои бешумор,
Ҳар қадам эъҷоз ё афсонае дар хоб ҳаст.

Шаҳри метрову трамвай, корвонҳои қатор,
Ҳар кучо шаҳрест, пеши ҳусни ӯ бетоб ҳаст.

Шаҳри ақлу шаҳри ишқу шаҳри базму шаҳри разм,
Шаҳри меҳнат, шаҳри роҳат, шаҳри шухратёб ҳаст.

Шаҳри нангу шаҳри ному шаҳри дунёи ҳавас,
Шаҳри ориф, шаҳри олим, шаҳри шоирбоб ҳаст.

Майфурӯшонаш зиёду боданӯшонаш зиёд,
Маст ҷони мардумаш аз бодаҳои ноб ҳаст.

Москва хуб аст, эй оғои Хайрандеш, лек
Сад баробар хубтар аз Москва Кӯлоб ҳаст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Мулки Кӯлобам, ҳавои кӯҳу саҳроят сара,
Дар ҷаҳон мислат надидам мулки зебоманзара.

Сарфарозӣ карда як сӯ Ховалингу Даштиҷум,
Паҳн доман карда менозад ба як сӯ Данғара.

Хоҷамуъмин як тараф обод мегирад туро,
Як тараф гирад туро обод Эмоммаскара.

Аз баландӣ бар баландӣ дида одат кардаем,
Аз Сарихосор метобад фарози Кодара.

Аз тамошо сер чашми ман нагардад ҳеҷ гаҳ,
Пои ман дар пуштаҳо ҳаргиз нагардад бефара.

Ман наменолам, агарчи аз ту, эй чархи фалак,
Дар дилам доғ асту дар по захму дар пуштам яра.

Гар ту, Хайрандеш, шоир бошӣ, он сон гӯ ғазал,
Валвалак дар валвала ояд, зи Шар-Шар шаршара.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Эй нишон аз бостон, Кӯлоби ман,
Зеби садҳо достон, Кӯлоби ман.

Нахли ман андар канорат сабз шуд,
Боғшаҳри бехазон, Кӯлоби ман.

Шаҳри хушрӯ, шаҳри хушбӯ, шаҳри ишқ,
Шаҳри зебодухтарон, Кӯлоби ман.

Дар канорат як замон ошиқ будам,
Шаҳри ишқу ормон, Кӯлоби ман.

Бо кадом оҳанг тавсифат кунам?
Ҷони ҷонон, ҷони ҷон, Кӯлоби ман.

Шод бошу дер зӣ, монанди ту
Нест ҷое дар ҷаҳон, Кӯлоби ман.

Худ биҳиштӣ ҳаст Хайрандеши мо,
Эй биҳишти ҷовидон, Кӯлоби ман.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Таъми дигар дорад обу нони шаҳри Бохтар,
Шукри нону шукри дастархони шаҳри Бохтар.

Мекунад афзун ба олам ҷуду эҳсону карам
Ҳишмати бозору бозургони шаҳри Бохтар.

Ҳар кӣ аз болои Теппа як назар афканд, гашт
Волаву дилбаставу ҳайрони шаҳри Бохтар.

Ҷӯйбору ҷӯи Хонум ғояти ҳусни малеҳ,
Шоҳбайти нузҳату эҳсони шаҳри Бохтар.

Васфи шаҳри мо биҷӯ з-афсонаҳои Шаҳрзод,
Садқаи дасти ҳунармандони шаҳри Бохтар.

Ҳар кӣ обу нони шаҳри Бохтар як бор хӯрд,
Мешавад як умр ӯ пазмони шаҳри Бохтар.

Эй азизон, гардиши чархи фалак пайванд кард
Ҷони Хайрандешро бо ҷони шаҳри Бохтар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Шаҳри Қӯрғонтеппа – шаҳри ормони мардумӣ,
Меҳршаҳре нест мислат, меҳрубони мардумӣ.

Меҳри мардум бо ту тавъам ҳаст чун ҷону ҷигар,
Мардум аз они ту ҳасту ту аз он мардумӣ.

Ризқи Қӯрғонтеппа бисёр аст, мегӯянд халқ,
Шаҳри рӯзибахшу ризқу обу дони мардумӣ.

Чун ту мискинпарвару бечорапарвар нест шаҳр,
Ман чӣ гӯям, беш аз ин васфат, ки ҷони мардумӣ.

Ноумед аз остонат ҳеҷ муҳтоҷе нарафт,
Шаҳри як каф гандуму як луқма нони мардумӣ.

Ҳеҷ шаҳре дар ҷаҳон чун ту ғами мардум нахӯрд,
Шаҳри Қӯрғонтеппа шаҳри қаҳрамони мардумӣ.

Дод Қӯрғонтеппа Хайрандешро ҷо дар ҷигар,
Тарҷигар шуд шоири ширинбаёни мардумӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Ду дил дар пайкари эҷод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб,
Ду сар дар ҷисми истеъдод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Ду по дар ҷустуҷӯи бахт, ду ҳамқисмати сарсахт,
Ду ғам, ду нола, ду фарёд – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Гаҳе мағлуб дар шайтон, гаҳе шайтон ба хун ғалтон,
Ғамободу тарабобод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Ду дасти хайр, ду Ҳотам, ду гурди зӯр, ду Рустам,
Ду марди ишқ, ду Фарҳод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Ду тори талхи ширинҷӯр, ду дарё дар диёри нур,
Ду фарҳангошноиршод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Ба ҳам як аҳлу қавму байт, ду шаҳмисраъ ба як шаҳбайт,
Туро ман кардаам азёд – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

Душанбедӯст Хайрандеш гӯяд ҳар замон бо хеш:
Ҳаётам бе шумо бар бод – Қӯрғонтеппаву Кӯлоб.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Хати зебо, хати хоно, хати хатҳо хати тоҷик,
Ҷаҳолатро тамоман хат задем аз қисмати тоҷик.

Ба тоҷик ҳар балое ояд аз бегонагон, саҳл аст,
Нигаҳ дорад Худо тоҷикро аз офати тоҷик!

Ғазалро парчами сулҳи ҷаҳон бояд кунам имрӯз,
Қасам хӯрдам, қасам, ёрон ба номи миллати тоҷик.

Биё, шоир, ба лаҳни тоҷикӣ ширинкаломӣ кун,
Дилам тар мешавад, бегуфтугӯ, дар суҳбати тоҷик.

Кадомин рӯз Хайрандеш хушбахт аст дар дунё?
Кадомин рӯз мешуд ғайри рӯзи Ваҳдати тоҷик?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Гаҳе бомеҳр, гаҳ бемеҳр, авзоъат зимистонист,
Намефаҳмам! Кӣ мефаҳмад? Муаммои ту чисонист.

Маро хоҳӣ, ки ҳар дам байни мардум обрӯ резӣ,
Магар худро ту медонӣ, чӣ қисматҳои пешонист?

Чунон дар Тоҷикистон дар ҳама дунё табодул ҳаст,
Дигарҳо узбакистонӣ, вале Ҷумъа намангонист.

Гумонҳое, ки мебурданд, охир душманам карданд,
Фалокат аз фалак дидам, валекин қасд фармонист.

На мардум рӯзи хӯш дорад, на шоҳаншоҳ дар олам,
Бад-ин сон ҳоли халқу ҳоли шоҳони хуросонист.

Манам шоир, парешонам, чиҳо гӯям, чиҳо монам,
Ки гуфтанд охири ҳар кор дар дунё пушаймонист.

Агар гардун риёӣ аст, тамаддун ориёӣ аст,
Бузург Эмомалӣ Раҳмону Исмоили Сомонист.

***Соли 2004***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***

Илму фазлу ақли Сино, ишқи Маҷнун зинда бод!
Ҳиммати Фирдавсию фарри Фаридун зинда бод!

Рӯдакию чангу уду барбату шеъру суруд,
Наср ибни Аҳмаду дарёи Ҷайҳун зинда бод!

Рехт хуни Тоҷикистон, осмон омад ба ҷон,
Ин рагу ин миллату ин хоку ин хун зинда бод!

Ҳамд бар Одина Ҳошим, бар Зафар Нозим сано,
Тоҷикону Тоҷикистони ҳумоюн зинда бод!

Лутфи Саъдию Ҳилолӣ аз асал ширинтар аст,
Бо сухан ҳар кас, ки моро кард афсун, зинда бод!

Мардуми бекинаи олам, ҳама омин кунед,
Шеъри Хайрандешу меҳри чархи гардун зинда бод!

***Соли 1995***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***

Умри одам гоҳ ҷамъу гаҳ парешон бигзарад,
Зиндагонӣ гоҳ, мушкил, гоҳ осон бигзарад.

Пас, чаро бояд кашидан миннати ҳар косалес,
Рӯз агар бо косаи обу лаби нон бигзарад?

Лаънати дунё ба он қавме, ки аз пушти тамаъ
Рӯ ба дини дигар орад, ё зи Қуръон бигзарад.

Дар наистон оташ афтодасту мурғон дар фиғон,
Шери нар хашм оварад, чун аз наистон бигзарад?

Ҷон азиз аст, эй бародар, дар талоши рӯзгор,
Дар сари номус мард оне, ки аз ҷон бигзарад.

Хайрандешо, машав беҳуда дар фикри сафар,
Умри тоҷик беҳ, ки андар Тоҷикистон бигзарад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

МУНДАРИҶА

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*